**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

**ДУШАНБЕ - 2016**

**МУНДАРИҶА**


Биниш
Пешгуфтор

1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеӣ
    1.1 Таснифоти таърихӣ ва ҷуғрофии вилоят
    1.2 Иқтидорҳои захиравӣ ва ҳолати демографии вилоят
    1.3 Шарҳи натиҷаҳои татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар давраи то соли 2015 ва сабақҳои андӯхтаи он
    1.4 Афзалиятҳои асосии Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020) ва таҷассуми он дар барномаи вилоят
    1.5 SWOT- таҳлил ва самтҳои асосии рушд

2. Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ
    2.1. Муҳайё намудани фазои мусоид барои тиҷорат ва муҳити сармоягузорӣ, соҳибкории хурд ва миёна;
    2.2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
    2.3. Пешбурди содирот ва воридотивазкунӣ (худтаъминкунии ояндаи вилоят);
    2.4. Бартараф намудани нуқтаҳои заиф;
    2.5. Сиёсати фискалӣ (сарчашмаҳои асосии даромад, сарчашмаҳои маблағгузории Барнома);
    2.6. Иштироки аҳли ҷомеа.

3. Таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ:
    3.1. Кишоварзӣ
    3.2. Саноат
    3.3. Комплекси сӯзишворию энергетикӣ
    3.4. Сохтмон
    3.5. Рушди савдои дохилӣ ва хориҷӣ, хизматрасонӣ ва сайёҳӣ;
    3.6. Нақлиёт, хоҷагии роҳ ва алоқа.

4. Рушди иҷтимоӣ
    4.1. Маориф ва илм;
    4.2. Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;
    4.3. Фарҳанг, варзиш ва сиёсати ҷавонон;
    4.4. Муҳоҷират, шуғл ва идоракунии раванди демографӣ
5. Таъмини зисти бехатар

5.1. Дастрасӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ;
5.2. Ҳифзи муҳити зист, санитарӣ;
5.3. Таъмин намудани бехатарии аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда.

6. Сарчашмаҳои маблағгузории Барнома

7. Низоми мониторинг ва арзёбӣ

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АСМ | Агентии сохтмон ва меъморӣ |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузориҳо |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ВММваША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТва ҲИ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭ ваЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ВС ва ТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМҲД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |

# ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

| | |
|---|---|
| **Мавқеи ҷойгиршавӣ** : | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Таъсис шудааст:** | Соли 1925 |
| **Масоҳат:** | 64,2 ҳазор км. кв. |
| **Аҳолӣ - ҳамагӣ:** | 217,4 ҳазор нафар |
| **- шаҳрӣ** | 30,3 ҳазор нафар |
| **- деҳот** | 187,1 ҳазор нафар |
| **Зичии аҳолӣ**: | 3,4 нафар дар 1 км. кв. |
| **Маркази маъмурӣ**: | шаҳри Хоруғ |
| **Сарҳад:** | аз шимол – Ҷумҳурии Қирғизистон<br>аз шарқ – Ҷумҳурии Халқии Хитой<br>аз ҷанубу ғарб – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон |
| **Иқлим:** | континенталӣ (хушк) |
| **Дарёҳо**: | Амударё, Панҷ, Вахондарё, Ғунт, Шоҳдара, Бартанг, Язғулом, Ванҷ, Хумбов |
| **Шумораи пиряххо:** | 23 адад |
| **Захираҳои табиӣ**: | тилло, нуқра, бор, никел, уран, литий, сангҳои нодиру қиматбаҳо, оҳан, металлҳои ранга, тахтасанги мармарӣ, ангиштсанг, маводи сохтмон, асбест, керамзит, омехтаи сурбу симоб, қалъагӣ ва ғайра. |
| **Корхонаҳои саноатӣ:** | 48 (ба ҳолати 1.01.16) |
| **Масофаи байни ш.Хоруғ – ш. Душанбе**: | 640 км тавассути Кӯлоб ( ағбаи Хобу Рубот бошад 527 км). |
| **Сохтори ҳудудию маъмурӣ:** | 1 шаҳр, 7 ноҳия ва 43 ҷамоат |
| **Муассисаҳои тиббӣ:** | 328 |
| **Муассисаҳои таълимӣ:** | 313 |

**Биниш** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минтақаи калонитарини кишвар аз рӯи масоҳати ҳудуд ва теъдоди захираҳои канданиҳои фоиданок маҳсуб ёфта, дар он саноат, кишоварзӣ, инфрасохтор ва сайёҳӣ рушд карда истодаанд. Дар вилоят намояндагони миллатҳои гуногун зиндагӣ ва фаъолият менамоянд. Марказҳои таърихию фарҳангӣ амал намуда, инфрасохтори муосири хизматрасонӣ ба аҳолӣ ташкил гардидааст.

## ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2016-2020 (минбаъд - Барномаи рушд) дар асоси талаботи ҳуҷҷати стратегии дарозмуҳлат ва барномаи миёнамӯҳлати кишвар ( Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020), барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ, инчунин “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардидааст.

Барномаи рушди вилоят бо ҳуҷҷатҳои стратегии дарозмуддат ва миёнамӯҳлати кишвар ҳамоҳанг буда, хусусиятҳои хоси рушди иқтисодию иҷтимоии вилоятро инъикос мекунад. Барнома самтҳои муҳими рушди соҳаҳои мухталифи вилоятро дар давраи миёнамӯҳлат бо назардошти ба кор даровардани иқтидорҳои мавҷуда нишон дода, ба ноилшавии ҳадаф ва афзалиятҳои дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ қабулгардида, равона шудааст. Дар Барнома рушди соҳаҳои инфрасохтори нақлиётӣ, барқтаъминкунӣ, сайёҳӣ, корҳои ҷустуҷӯию иктишофии геологӣ, таъмини баробарии гендерӣ ва ҳифзи муҳити зист ҳамчун афзалиятҳои асосӣ муайян шудаанд.

Ҳангоми таҳияи Барномаи рушди вилоят раванди демократикунонии идоракунӣ ба инобат гирифта шудааст ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандию тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла, намояндагони фаъоли бахши хусусӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамаи марҳилаҳои қабули қарор таъмин карда шудааст

Дар ин самт аллакай мутахассисони вилоят таҷрибаи таҳия ва татбиқи барномаи рушдро доранд. Зеро, қаблан “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои давраи то соли 2015” (бо қарори ҲҶТ аз 4.07.06, №289) таҳия ва мавриди татбиқ қарор гирифта буд. Фарқиятҳои асосии раванди таҳияи барномаи нав аз барномаи қаблӣ дар он аст, ки пеш аз таҳияи барномаи вилоятӣ аллакай дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят барномаҳои рушди ноҳияҳо таҳия карда шуд, ки ин раванд ҳамгироии афзалиятҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳоро дар сатҳи маҳаллӣ боз ҳам ҷонноктар намуд.. Ин тартиб бори аввал имконияти амалӣ намудани ду раванди таҳияи барномаҳоро, яъне “аз боло ба поён” ва “аз поён ба боло”-ро фароҳам овард. Ҳамин тавр, дар Барномаи рушд элементҳои асосии ба ҳам алоқаманди барномаҳои сатҳи маҳаллӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои Барномаи рушд барои таҳияи нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаҳои фаъолияти маъмурияти вилоят ҷиҳати муайян намудани мушкилот ва қабули қарор ҳамчун асос хизмат мекунанд.

**Ҳадафҳои асосии** татбиқи Барномаи рушди вилоят инҳоанд:

- мунтазам баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум;
- беҳтар намудани дастрасӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ ва барқтаъминкунӣ;
- рушди бемайлони самтҳои гуногуни сайёҳӣ дар вилоят;
- рушди саноати кухӣ дар асоси ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок;
- баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ (паст кардани сатҳи фавти модар ва кӯдак, коҳиш додани бемориҳои сирояткунанда, беҳтар намудани фарогирии хонандагон ва баланд бардоштани сифати таълим, ҷалб ва дастрасии баробари кӯдакони осебпазир ба муассисаҳои таълимӣ; дастрасии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, таъмини риояи ҳуқуқи кӯдакон);
- таъмин намудани рушди бемайлони иқтисодӣ бо назардошти тараққиёти босуръати бахшҳои алоҳидаи афзалиятнок, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва зиёд шудани табақаи миёнаи аҳолӣ асос мегузорад ва дар ин росто таъмин намудани ҳифзи муҳити зист;
- таъмин намудани баробарҳуқуқии гендерӣ;
- беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои маишӣ.

Дар ҳолати татбиқи ҳадафҳои гузошташуда соли 2020 ба нишондиҳандаҳои зерин ноил хоҳем гашт:

- сатҳи камбизоатӣ – 25 % аз шумораи умумии аҳолӣ;
- фавти кӯдакони то 1 сола – 5,5 (ба 1000 нафар зинда таваллудшуда);
- фавти кӯдакони то 5 сола – 12,2 (ба 1000 нафар зинда таваллудшуда);
- фавти модар – 115,1 (ба 100 ҳазор нафар зинда таваллудшуда);
- давомот дар мактаб – 100,0 %;
- сатҳи саводнокии аҳолӣ – 99,9 %;
- суръати афзоиши МММ – 6,0 %;
- суръати афзоиши маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ – 5,1% (нисбат ба соли 2015),
- суръати афзоиши маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ– 1,0% (нисбат ба соли 2015).

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН.

## 1.1. Тавсифи таърихию ҷуғрофии вилоят.

**Маълумоти умумӣ.** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2 январи соли 1925 ташкил шудааст. Маркази вилоят шаҳри Хоруғ мебошад. Дар шимол бо Ҷумҳурии Қирғизистон, дар шарқ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, дар ҷанубу ғарб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад.

Вилоят аз 7 ноҳия ва 1 шаҳр иборат аст (шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Рошткалъа, Рушон, Шуғнон).

Минтақаҳои вилоят вобаста ба шароити табиию ҷуғрофӣ хусусиятҳои хоси худро доро буда , олами наботот ва ҳайвоноти онҳо низ фарқкунанда ва гуногун мебошанд. Ҳудуди вилоят аз рӯи мавқеи ҷойгиршавӣ ба минтақаҳои Помири Ғарбӣ ва Помири Шарқӣ тақсим мешавад.

Қариб тамоми ҳудуди Помири Ғарбиро қуллаҳои Олой (7134 метр), Ванҷ (5464 метр), Язгулом (6974 метр), Рӯшон (6000-6100 метр), Шуғнон (5704 метр), Исмоили Сомонӣ (7495 метр) ишғол намудаанд ва водиҳои ин минтақа (Бартанг, Рӯшон, Ишкошим ва ғайра) низ дар баландии то 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд.

Ҳудуди Помири Шарқӣ бошад, аз биёбон ва пастхамиҳои баландкӯҳӣ аз қаторкуҳи Олой, то соҳили дарёи Панҷ тӯлкашида иборат буда, ҳамвориҳои он (Аличур, Мурғоб, Рангкӯл ва ғайра) дар баландии аз 3400 то 4200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд.

Иқлими вилоят вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии ноҳияҳо фарқкунанда ва мухталиф мебошад. Вобаста ба ҷойгиршавии ноҳияҳо фарорасии мавсими гармо ва тӯлкашии фасли зимистон низ гуногун мебошад.

Иқлими Помири Шарқӣ баландкӯҳи биёбон ва ултроконтиненталӣ буда ва зимистонаш хунук ва дарозмуддат аст.

Дар ҳудуди вилоят садҳо пиряҳои хурду бузург, аз ҷумла беш аз 30 адад пиряххо бо дарозии тӯлонии беш аз 15 км ҷойгир шудаанд, ки асосан манбаи таъминкунии об барои ҷумҳурӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ хизмат менамоянд. Дар баробари манфиати иқтисодӣ доштани пиряххо таҳти таъсири тағйирёбии иқлим, раванди таҳдидкунандаи эҳтимолияти ба вуҷуд овардани обхезӣ, сел ва сар задани дигар ҳолатҳои офатҳои табииро доранд.

**Олами наботот ва ҳайвонот.** Иқлими баландкӯҳӣ хушк, сармои тулонӣ, тез-тез тағйирёбии ҳарорат, шамолҳои сахт ва дигар омилҳои табиию ҷуғрофӣ сабаби ба миён омадани минтақаҳои гуногуни набототу ҳайвонот дар миқёси ҳудуди вилоят гардидааст.

Дар минтақаи Помири Ғарбӣ ва поёноби дарёҳои водии Ғунд, Бартанг, Ванҷ буттаҳои саксаул, терескен (пӯш), тахач (явшон, дармана), рябинаи ёбоӣ паҳн шудааст. Дар соҳили дарёҳо чакалакзорҳои тӯс, бедзор, сафедор, тут ва дигар растаниҳо мерӯянд. Дар водии Дарвоз бошад анҷир, анор, хурмо, олуболу, олу мерӯяд. Помири Шарқӣ аз ҳама минтақаи камбағалтарини набототӣ ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи маълумоти мутахассисон дар ҳудуди вилоят зиёда аз 200 намуди растаниҳои доруворӣ ва гиёҳҳои шифобахш меруяд. Дар шароити имрӯза ҷамъоварӣ ва коркарди растаниҳои доругӣ ба роҳ монда нашудааст.

Олами ҳайвоноти низ гуногун буда, вобаста ба дигаршавии шароити муҳит рӯ ба таназзул дорад. Дар ин ҷо хирс, барс, рӯбоҳ, муши обӣ, гург, гӯсфанди кӯҳӣ (архар), куик, харгӯш, суғурро вохӯрдан мумкин аст. Аз паррандагон кабк, индуки кӯҳӣ паҳн гардидаанд. Дар дарёву кӯлҳо бошад, моҳиҳои маринка, фрамуля, форел, сазан, пешонапаҳн ва дигар намудҳои

моҳӣ мавҷуданд, ки моҳияти истеҳсолӣ доранд. Аз ин ҷиҳат, дар оянда тараққӣ додани соҳаи моҳипарварӣ хеле муфид аст.

### 1.2. Иқтидорҳои захиравӣ ва ҳолати демографӣ.

**Захираҳои мавҷуда.** Вилоят аз захираҳои табиӣ аз қабили маъданҳои, тилло, нуқра, қалъагии пошхурда, полиметалӣ, бор, шпати обшаванда, уран, литий, оҳан ва никел, сангҳои нодиру қиматбаҳо, ороишӣ, тахтасанги мармарӣ, ангиштсанг, маводи сохтмон, асбест, керамзит, омехтаи сурбу симоб ва ғайра хеле бой мебошад.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вобаста ба мавҷуд будани категорияи махсуси ёдгориҳои табиӣ беҳамто мебошад. Қариб 100 ёдгории табиат маълуманд, ки дар байни онҳо миқдори зиёди ёдгориҳои геморфологӣ, яхшиносӣ, обшиносӣ, геологӣ мебошанд. Бисёре аз онҳо ба монанди ғорҳои Мататаш, Салаташ, Чирокташ, Шахт бо суратҳои рӯисангӣ, регҳои равони Пангбазел, кӯлҳои Сарез, Яшилкӯл, Каракӯл, Рангкӯл, Шоркӯл, чашмаҳои гарми Гармчашма, Шоҳдара, Бахмир, Ҷелондӣ, Эллису, Иссиқбулоқ, харсангҳои зериобии Сафедорон, Рангкӯл, Куртеке, Оқташ метавонанд мақоми байналмилалӣ гиранд, яъне дар сайёҳии байналмилалӣ истифода шаванд.

Ҳоло зиёда аз 80 чашмаи маъдандор кашф шудаанд, ки дар байни онҳо 28 ададашон дорои оби гарми термалӣ мебошанд.

**Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии вилоят.** Ба ҳолати 1 январи соли 2016 шумораи аҳолӣ доимии вилоят 217,4 ҳазор нафар буда, 2,6 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, Аз ҷумла 29,2 ҳазор нафар ё 13,5 фоизи аҳолӣ дар шаҳр ва 188,2 ҳазор нафар ё 86,5 фоиз дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз шумораи умумии аҳолӣ 51,2 фоиз мард ва 48,8 фоиз зан мебошад.

Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ – 1,4 фоиз ва зичии аҳолӣ - 6,7 нафарро дар 1 $км^2$ ташкил медиҳад. Ҳайати иҷтимоии аҳолии вилоятро 94,0 фоиз тоҷикон, 5,8 фоиз қирғизҳо ва 0,2 фоиз дигар миллатҳо ташкил медиҳад.

***Шумораи аҳолии доимии вилоят (дар охири сол)***

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *Шумораи умумӣ* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
| *1* | *Хоҷагии хонавода* | *адад* | *32971* | *33376* | *33900* | *34400* |
| | *Аҳолии доимӣ* | *ҳаз. нафар* | *210,2* | *212,1* | *214,3* | *217,4* |
| *2* | *Аҳолии мавҷуда* | *ҳаз. нафар* | *187,4* | *182,0* | *189,4* | *182,4* |
| - | *аз ин: мард* | *ҳаз. нафар* | *96,0* | *93,2* | *96,7* | *93,4* |
| - | *Зан* | *ҳаз. нафар* | *91,4* | *88,8* | *92,7* | *89,0* |
| - | *Кӯдакони 0 то синни 5 сола* | *ҳаз нафар* | *25,6* | *25,8* | *26,1* | *26,6* |
| - | *Кӯдакони аз 5 то синни 14 сола* | *ҳаз нафар* | *22,2* | *23,4* | *24,6* | *24,8* |
| - | *Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (15-57 барои занон) сола)* | *ҳаз. нафар* | *135,3* | *136,5* | *138,0* | *140, 2* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Аз ҷумла, аз 15 то 18 сола* | *ҳаз.нафар* | *12,6* | *12,3* | *12,7* | *15,6* |
| - | *Гурӯҳи калонсолон (63 (занон-58сола) ва боло)* | *ҳаз нафар* | *24,8* | *25,2* | *25,3* | *25,8* |
| - | *Муҳоҷирони меҳнатӣ* | *ҳаз нафар* | *32,6* | *34,0* | *34,0* | *34,0* |
| 3 | *Аҳолии қобили меҳнат* | *ҳаз нафар* | *135,3* | *136,5* | *138,0* | *140,2* |
| 4 | *Бекорон* | *нафар* | *3157* | *3319* | *3317* | *3031* |
| 5 | *Аҳолии ба кор машғулбуда* | *ҳаз.нафар* | *76,1* | *60,5* | *61,7* | *62,0* |
| 6 | *Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда* | *ҳаз.нафар* | *22,1* | *21,7* | *22,8* | *23,8* |
| 7 | *Шумораи ба соҳибкорӣ машғулбуда* | *нафар* | *2602* | *2639* | *2809* | *2778* |

Тибқи нақшаи нишондиҳандаи дурнамо шумораи аҳолии вилоят соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба андозаи 9,2 фоиз зиёд шуда ба 240,7 ҳазор нафар мерасад.

Шумораи дар истеҳсолот машғулбудагон низ давоми ин солҳо зиёд гардида, то соли 2020 ба 72,0 ҳазор нафар мерасад.

Дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ соли 2015 ҷамъ 41,3 ҳазор нафар машғул буданд, ки аз онҳо 38,5 ҳазор нафар дар соҳаи кишоварзӣ, 0,5 ҳазор нафар дар соҳаи сохтмон, 0,8 ҳазор нафар дар соҳаи нақлиёт ва алоқа, 20,7 ҳазор нафар дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ кор мекунанд. Соли 2020 нисбат ба соли 2015-ум шумораи ин захираҳо аз 7,0 ҳазор нафар аз ҳисоби ташкили коргоҳҳои хурди саноатӣ ва сохтмони иншоотҳо зиёд мешавад.

### 1.3. Шарҳи натиҷаҳои татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар давраи то соли 2015 ва сабақҳои андӯхтаи он.

Баномаи татбиқшудаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар давраи то соли 2015 ба зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ ва беҳтар гардонидани вазъи иқтисодию иҷтимоии вилоят нигаронида шуда буд.

Ҳадафи асосии Барномаи қаблӣ ба кор андохтани иқтидорҳо ва иншооти иқтисодию иҷтимоӣ, афзун гардонидани истеҳсолот, кор ва хизматрасониҳо ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб мерафт. Ин ҳадафҳо марҳила ба марҳила амалӣ гардиданд.

Дар доираи Барнома татбиқи 121 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи умумии 731,3 млн доллари ИМА пешбинӣ гардида буд. Аз ин 79 лоиҳа бо маблағи 258,5 млн. доллари ИМА татбиқ гардид, ки 65 фоизи лоиҳаҳои ба Барнома воридгардида ва 35 фоизи маблағи умумии онҳоро ташкил медиҳад.

**Саноат.** Тибқи ҳадафҳои Барнома дар соли 2015 расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят (бо нархҳои амалкунанда) 159,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, дар воқеъ корхонаҳои саноатӣ 113,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки ин 71,1 фоизи нишондиҳандаи нақшавӣ мебошад. Сабаби асосии иҷро нагардидани

нишондиҳандаҳо ин пеш аз ҳама ба татбиқ нагардидани лоиҳаҳои сармоягузории дар Барнома пешбинигардида марбут мебошад .

**Комплекси сӯзишворию энергетикӣ (КСЭ).** Барои таъмини барқтаъминкунии боэътимоди иқтисодиёти вилоят дар Барнома диққати махсус ба диверсификатсияи манбаъҳои тавлидкунанда дар асоси рушди гидроэнергетикаи хурд ва истихроҷи ангишт дода шуда буд.

Дар доираи Барномаи қаблӣ дар бахши эненергетика татбиқи 78 лоиҳа пешбинӣ гардида, дар воқеъ 67 лоиҳа татбиқ гардид. Ҳамзамон, то соли 2015 расонидани истеҳсоли ангишт ба 22200 тонна ба нақша гирифта шуда буд, ки амалан истеҳсоли он дар соли 2015 танҳо 1071 тонна ё 4,8 фоизи нақшаи пешбинигардидаро таъмин гардид.

**Комплекси агросаноатӣ (КАС).** Дар доираи Барномаи мазкур то соли 2015 расонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 146,3 млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ) дар назар дошта шуда, дар асл соли 2015 бошад 598,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуд, ки 4,1 маротиба дар қиёс ба нишондиҳандаи нақшавӣ зиёд мебошад.

**Бахши нақлиёт.** Дар давраи таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи нақлиёт низ дар қиёс ба дурнамои барнома бамаротиб барзиёд таъмин гардиданд.

Нишондиҳандаҳои асосии ин соҳа ҳаҷми боркашонию мусофирбарӣ, боргардиш ва мусофиргардиш ҷиҳати татбиқ намудани тадбирҳо оид ба рушди шабакаи роҳҳо (таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалидошта) ва бунёди пулҳои байнисарҳади аз болои дарёи Панҷ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба андозаҳои мутаносибан боркашонӣ 36% мусофирбарӣ 4,5 маротиб, гардиши бор 45,2% ва мусофиргардиш 5,2 маротиб нисбати нишондиҳандаҳои нақшавии барнома зиёд гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, нишондиҳандаҳои татбиқи барномаи дар давраи то соли 2015 мусбӣ арзёбӣ гардидаанд, вале натиҷаҳои татбиқи тадбирҳои алоҳида, қонеъкунанда нестанд, ки ба як қатор мушкилиҳо ва таъсири омилҳои дохилию беруна вобастагии мустақим доранд.

Яке аз хусусиятҳои Барномаи қаблӣ дар он зоҳир меёфт, ки маблағгузории лоиҳаҳо ва тадбирҳо аксаран аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ пешбинӣ гардида буд. Бинобар ин дар муҳлати муқаррааргардида дарёфт нашудани манбаи сармоягузории беруна бештари чорабиниҳои нақшавии Барнома амалӣ нагардиданд.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни амалишавии Барнома оид ба ҳолати иҷроиши лоиҳаҳо мониторинг гузаронида нашуда, мушкилот ва мониаҳое, ки барои татбиқи Барнома таъсири манфӣ мерасониданд, ошкор ва бартараф карда нашуданд.

Сабақҳои андухтаи Барномаи қаблиро ба назар гирифта, дар Барномаи нав манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятдоштаро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ мушаххасан муайян карда шуданд.

Ба замми ин, барои пайгирии ҷараёни иҷро ва мунтазам қабул намудани қарорҳо вобаста ба иҷрои Барномаи нав низоми мониторинг ва арзёбӣ дар назар дошта шудааст.

### 1.4. Афзалиятҳои асосии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 ва таҷҷасуми он дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят барои солҳои 2016-2020

Бо назардошти вазъи имрӯзаи рушди ичтимоию иқтисодии ВМКБ, татбиқнамоии афзалиятҳои асосии зерини Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020 дар доираи Барномаи мазкур пешбинӣ мегарданд:

- тавсеа додани дастрасӣ ба захираҳо ва истифодаи оқилонаи онҳо;
- рушди соҳибкории ба истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва содиротӣ нигаронидашуда;
- инкишофи инфрасохтори нақлиётӣ;
- тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ;
- баландбардории самарабахшии ислоҳоти бахши иҷтимоӣ;
- коҳиш додани нобаробарии гендерӣ;
- тавсеаи ҷалби гурӯҳҳои осебпазир ба ҷамъият;
- татбиқи тадбирҳо оид ба ҳифзи муҳити зист;
- идоракунии хавфҳои рухдиҳии офатҳои табиӣ;
- амалисозии чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати кам кардани оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим;
- фаъолсозии ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ.

***СВОТ – таҳлил***

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • шароити мусоиди ҷуғрофӣ ва табиӣ барои рушди намудҳои мухталифи сайёҳӣ;<br>мавҷуд будани захираҳои бойи табиӣ, сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ;<br>• шароити мутадили иқлимӣ барои рушди соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ;<br>•мавҷуд будани захираҳои кофии меҳнатӣ ва кадрҳои баландихти-сос;<br>•мавҷуд будани инфрасохтори аввалия;<br>• мавҷуд будани минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим», бозорҳои наздисарҳдӣ, пулҳои байнисарҳадӣ<br>• мавҷуд будани чашмаҳои гарми табобатӣ ва обҳои менералии шифобахш;<br>• тарҳрезӣ гардидани барномаҳои миёнамӯҳлати рушд дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят;<br>• мавҷуд будани муассисаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд; | • кофӣ набудани воситаҳои молиявӣ барои рушди инфросохтори соҳаи сайёҳӣ<br>• заминаи сусти моддию техникии ширкатҳои туристӣ;<br>• набудани маблағ барои корҳои ҷустуҷӯи геологӣ ва топографию геодезӣ;<br>• набудани имконияти молияви ҷиҳати коркарди захираҳои мавҷудаи истихроҷ ва набудани таҷҳизот ва технологияи замонавӣ барои онҳо;<br>• кофӣ набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, кофӣ набудани фаъолият оид ба истифода навҳои серҳосили зироат, чорвои хушзот. ва дастовардҳои технологию замонавии агрономӣ<br>• баромада рафтани кадрҳои баландихтисос аз ҳудуди вилоят .ҷиҳати набудани ҷойҳои кори |

| | |
|---|---|
| • мавҷуд захираи калон оби дарёҳо барои бунёди нуругоҳҳо. | доимӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат; • ба талабот ҷавобгӯй набудани инфрасохтори мавҷуда, сифати пасти техникии роҳҳои маҳаллӣ ва шабакаҳои барқтаъминкунӣ; • суст фаъолият кардани минтақаи озоди иқтисодӣ; • самаранок истифода нашудани пулҳои байнимарзӣ барои ҳамду нақли байнидавлатӣ; • набудани маркетингӣ замонавӣ ва шароити мусоид барои қабули табобатгирон дар чашмаҳои шифобахш; • нокифоя будани маблағ барои татбиқи барномаҳои шаҳру ноҳияҳо ва назаррас набудани сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти вилоят; • набудани сармоя барои бунёди неругоҳҳои обии барқӣ. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| • мавҷуд будани барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва минтақавии дар сатҳи миллӣ ва татбиқи тадбирҳои муҳим дар доираи ин барномаҳо • таҳия ва қабул гардидани лоиҳаҳо оид ба ташаккули шабаки роҳҳои автомобилгардии аҳамияти байналмилалидошта • дастгирии лоиҳаҳои ба рушди иқтидори содиротӣ нигаронидашуда; • рушди ҳамгироии фаромарзӣ тавассути фаъолгардонии бозорҳои наздисарҳадӣ. | • рухдиҳии зиёди офатҳои табиӣ (сел, ярч, тарма, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд); • мавҷудияти имконият барои паҳншавии касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон; • мувоҷеҳи баланди иқтисодиёти вилоят ба таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва сатҳи таваррум; • тамоюли зиёдшавии таҳдиди рухдиҳии офатҳои табиӣ тахти таъсири тағйирёбии иқлим ; • номусоиди қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ. |

## БОБИ 2. ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### 2.1 Муҳайё намудани фазои мусоид барои тиҷорат ва муҳити сармоягузорӣ, соҳибкории хурд ва миёна.

Фароҳам овардани шароити лозима барои беҳбудии фазои сармоягузорӣ, мусоидат намудан дар рушди соҳибкории хурду миёна, ҷалби бештари сармоягузорони маҳаллӣ дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок ва манфиатбахш, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар доираи Барномаи рушди вилоят маҳсуб хоҳад ёфт.

Саҳми бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёти вилоят, махсусан дар рушди инфрасохтори аввалиндараҷа, идомаи корҳои бундёкорию созандагӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногун, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави кории баланд арзёбӣ мегардад.

Бо мақсади рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи вилоят таи солҳои 2016-2020 ба иқтисодиёти вилоят аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ дар ҳаҷми 4080,8 млн. сомонӣ маблағгузорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин 170,9 млн. сомонӣ ба маблағгузориҳои давлатӣ, 3871,1 млн. сомонӣ ба сармоягузориҳои дохилию мустақими хориҷӣ ва 38,7 млн. Сомонӣ ба сармоягузориҳои хусусӣ рост хоҳад омад.

Дурнамои ҳаҷми маблағгузорҳо ба иқтисодиёти ВМКБ дар тӯли солҳои 2016-2020 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (млн. сомонӣ)




Бо мақсади мусоидат намудан ба ҷалби сармояи хориҷӣ, бартарафсозии мамониятҳо дар ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ, суръатбахшии иҷрои барномаҳо оиди рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят қарори раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (аз 11.05.2011, №178) "Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкории назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон” таъсис дода шудааст. Шӯрои мазкур барои афзоиши шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ заминаи устувор гузошта, ин нишондиҳанда дар соли 2015 дар қиёс ба соли 2010 ба 1029 нафар ва ё 1,6 маротиба афзоиш ёфтааст.

Шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар тӯли солҳои 2010-2015 (нафар)




Илова бар ин, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2015, №201 дар бораи тасдиқи “Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 -2020” дар шаҳри Хоруғ таъсис додани бизнес-инкубатор барои соҳибкорон пешбинӣ гардидааст.

**2.2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ.**

Таи солҳои 2013 -2015 аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ва намояндагони бахши хусусӣ ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” дар маҷмӯъ 62 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи умумии 47,0 млн. сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки аз ин 15 лоиҳа бо маблағи умумии 7,9 млн сомонӣ аллакай дастгирии худро пайдо намудааст.

Воқеан, дар вилоят як қатор мушкилиҳое мавҷуданд, ки метавонанд садди роҳи рушди иқтисодиёти вилоят гарданд. Мушкилиҳои асосӣ инҳо мебошанд:

- набудани бизнес- инкубаторҳо ва марказҳои машваратӣ (махсусан дар самти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, низоми қонунгузорӣ ва андозбандӣ, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, низоми менеҷмент ва маркетинг, банду басти маҳсулот ва ғайра) дар ҳудуди вилоят;
- норасоии захираҳои молиявӣ ва маҳдуд будани сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ;

- ҷалби сусти сармояи дохилию хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори аввалиндараҷа ва фаъолгардонии минтақаи озоди иқтисодии ”Ишкошим”;
- мукаммал набудани механизми дастгирии суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ;
- ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани низоми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ (фоизҳои баланд, ҳаҷми кам ва мӯҳлати кӯтоҳ,) махсусан дар бахши истеҳсолӣ;
- пурра ҷорӣ нагардидани пешниҳоди қарзҳои лизингӣ, махсусан дар самти дастрасӣ ба техника ва таҷҳизотҳои истеҳсолӣ;
- номукаммал будани низоми мавҷудаи андозбандӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо (ба инобат гирифта нашудани хусусиятҳои хоси минтақаҳо, махсусан мавқеи ҷуғрофӣ);
- набудани намояндагӣ бо давлатҳои ҳамсоя барои осон намудани тартиби рафту омад, махсусан барои рушди тиҷорати наздисарҳадӣ ва сайёҳӣ);
- норасогии сарчашмаҳои иловагии алтернативӣ барои рушди соҳибкорӣ дар вилоят (масалан фондҳои махсуси рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ).

### 2.3. Пешбурди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва содиротӣ

Воқеан, дар вилоят як қатор самтҳои афзалиятнок мавҷуд аст, ки метавон тавассути рушди онҳо имкониятҳои содиротии вилоятро афзун намуд. Аз ҷумла, дар ҳудуди вилоят имкониятҳои зиёди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, гиёҳҳои шифобахш ва сангҳои қиматбаҳо, ороишӣ ва сохтмонӣ мавҷуд мебошанд, ки тавассути амалигардонии онҳо вилоят имконияти ба худтаъминкунӣ гузаштанро доро мегардад.

Ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, зиёд намудани номгӯи маҳсулот содиротӣ ва дар ин замина мусоидат намудан дар ҷойивазкунии маҳсулоти воридотӣ дар доираи Барномаи рушди вилоят ҳамчун афзалияти асосӣ пайваста пайгирӣ карда мешавад. Дар соли 2015 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилоят 3,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ҳиссаи он дар таркиби гардиши умумии савдои хориҷии кишвар ба 0,06 фоиз баробар мебошад.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии ВМКБ дар тӯли солҳои 2010-2015 (млн. доллари ИМА)




Сабаби асосии тағйир ёфтани нишондиҳандаҳои гардиши савдои хориҷӣ ва ба таври назаррас коҳиш ёфтани он дар соли 2015 ин пеш аз ҳама ба тағйир ёфтани низоми барасмиятдарории гумрукӣ (минбаъд дар сатҳи миллӣ анҷом дода мешавад) ва дар ин замина коҳиш ёфтани воридот алоқаманд аст. Нишондиҳандаҳои содиротӣ бошад, баръакс суръати афзоиш дорад.

Маҳсулоти содиротшаванда ҳоло асосан пӯст ва ашёи он, меваю сабзавот ва нерӯи барқ маҳсуб меёбад. Дар соли 2015 ҳиссаи меваю сабзавот дар таркиби сохтори маҳсулоти содиротӣ 64,4 фоиз, нерӯи барқ 31,4 фоиз, пӯст ва ашёи он 4,2 фоизро ташкил медиҳад.

Новобаста аз ин, соли 2015 ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ дар таркиби гардиши савдои хориҷии вилоят 15,1 фоиз ва воридотӣ бошад 84,9 фоизро ташкил дод, ки таносуби манфӣ дорад. Бинобар ин, кам кардани вобастагии вилоят аз молу маҳсулоти воридотӣ яке аз вазифаҳои асосӣ дар доираи барнома ба ҳисоб меравад.

Мавқеи мусоиди ҷуғрофии ВМКБ имконият медиҳад, ки савдои наздисарҳадӣ, махсусан бо кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Хитой, Қирғизистон ва Афғонистон ҳамчун афзалияти асосӣ тақвият дода шавад. Илова ба ин, ҳудуди вилоят ҳамчун қаламрави транзитӣ байни ин давлатҳо метавонад нақши муҳимро иҷро намояд.

Баста шудани созишномаҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангӣ байни воҳидҳои маъмурии ҳаммарз, ба монанди вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон, округи Кошқари Синзиан-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой ва вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

метавонад дар васеъ намудани доираи содироти маҳсулоти гуногуни вилоят заминаи устувор гузорад.

**Рушди минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ).** Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» соли 2009 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун минтақаи шакли истеҳсолию тиҷоратӣ дар майдони 200 га ташкил карда шудааст.

Маблағгузорӣ барои бунёди инфрасохтори минтақа аз соли 2012 оғоз гардида, то ин давра азнавсозии бинои маъмурӣ, сохтмони хати баландшиддати интиқоли қувваи барқ, кандани чоҳҳои геризаминӣ барои оби нӯшокӣ ва дигар корҳо аллакай анҷом дода шуд. Айни замон таҳияи нақшаи кулл, сохтмони гузаргоҳи гумрукӣ, маҳкамкунии ҳудуди минтақа, сохтмони амборхонаҳо, сохтмони роҳи дохилӣ ва гузаронидани хати обгузар идома дорад. Бо ин мақсад, аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 3,8 млн. сомонӣ маблағ ҷудо ва масраф гардидааст, ки ин 0,05 фоизи маблағи умумии барои бунёди инфрасохтор лозимиро ташкил медиҳад. Бинобар сабаби мавҷуд набудани инфрасохтори лозима то кунун дар минтақаи мазкур танҳо се субъект ба қайд гирифта шудааст.

Дар доираи Барнома ҷалби бештари сармояи дохилию хориҷӣ барои сохта ба истифода додани инфрасохтори лозима, ба роҳ мондани коркарди захираи кони табиии талк сохтмони фурудгоҳи ҳавоӣ (дар масоҳати 40 га), аз таъмири асосӣ баровардани роҳи Хоруғ – Ишкошим ва дар ин замина ҷалби бештари субъектҳо яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

### 2.4. **Бартараф намудани нуқтаҳои заиф**

Бинобар сабаби набудани роҳҳои оҳан ва ба таври зарурӣ тараққи наёфтани нақлиёти ҳавоӣ қариб ҳамаи амалиётҳои таъмин намудани аҳолӣ ва корхонаҳо бо ашёи ниёзи аввал ва озуқа тавассути нақлиёти автомобилӣ (дар масофаи аз 500 то 1000 км) анҷом мешавад, ки ин дар навбати худ арзиши аслии мавод ва маҳсулотро аз 1,5 то 2 баробар гарон менамояд. Илова бар ин, ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани сифати техникии роҳҳо ва паст будани дараҷаи даромаднокии аҳолӣ дар рушди иқтисодӣ иҷтимоии вилоят монеъа эҷод менамояд.

Дар баробарии ин аксари нуқтаҳои аҳолинишини вилоят дар баландии аз 2500 то 3500 метр аз сатхи баҳр чшуда пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ, хусусан соҳаи зироаткорӣ бо хавфҳои табиӣ мувоҷеҳ мебошад.

Бо назардошти хусусиятҳои хоси минтақаҳои дурдасту баландкӯҳ ва дар ин замина муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва зисту зиндагонии аҳолӣ ҷорӣ намудани меъёрҳои ифодакунандаи воқеии ҷуброни шароити носозгори иқлимӣ (фоизҳои баландкуҳӣ, ва ноҳиявӣ) ва андозбандии фарққунанда (дифференсирование) мувофиқи мақсад мебошад.

Имкониятҳои молиявии дастгирии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз ҳисоби буҷети вилоят хеле маҳдуд буда, мустақилона бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда ғайриимкон аст. Буҷети вилоят аз дастгирии молиявӣ вобастагӣ калон дорад,

Бо вуҷуди рушди иқтисодиёт ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ҳоло ҳам ҳолати мавҷуда қонеъкунанда буда наметавонад. Бинобар сабаби паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардониии кормандон дар шароити имрӯза бозори расмии қувваи қобили меҳнат ба бозори ғайрирасмии он рақобат карда наметавонад. Дар баробари ин таи 5 соли охир суръати миёнаи афзоиши табии аҳолӣ 1,4 фоизро ташкил дода, беҳтар намудани сиёсатро дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина коҳиш додани шумораи муҳоҷирон талаб менамояд.

Шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда дар тули солҳои 2010-2015 (нафар)




Новобаста аз оне, ки сол то сол шумораи бекорони расман бақайд гирифташуда коҳиш ёфта истодааст, аммо дар воқеъ аксарияти бекорон барои аз қайди расмӣ гузаштан пурра ҳавасманд нестанд. Зеро, бинобар сабаби дарёфт нагардидани ҷои мувофиқи корӣ қисми қувваи қибили меҳнат ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравад ва ин нишондиҳанда сол то сол тамоюли афзоиш дорад. Ин аст, ки 28,2 фоизи аҳолии қобили меҳнат ҳоло дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад. Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромади аксарияти аҳолии вилоят маҳсуб меёбад.

Шумораи муҳоҷирони мехнатии ВМКБ дар тули солхои 2010-2015 (ҳазор нафар)



Бинобар ин, зиёд намудани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, роҳҳои ҳавасмандгардонии бекорон барои бақайдгирии расмӣ ва дар ин замина таъмин намудани бекорон ба ҷои кори доимии мувофиқ ва устувор яке аз самтҳои афзалиятнок дар доираи барномаи вилоят ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи ҳисоботи расмӣ дар соли 2012 7263 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудаанд, ки аз онҳо 908 ҷойи кории доимӣ ва 6355 мавсимӣ, соли 2015 аз 10739 ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда 2147 доимӣ буда, 8592 ҷойи кории мавсимӣ ва муваққатӣ мебошад.

### 2.5. Сиёсати фискалӣ, (сарчашмаҳои асосии даромад, сарчашмаҳои маблағгузории БРВ)

Сарфи назар аз он, ки дар панҷ соли охир буҷети вилоят тамоюли афзоиш дорад, яке аз сарчашмаҳои асосии пӯшонидани хароҷоти буҷет то кунун кӯмаки молиявӣ субсидия аз буҷети ҷумҳуриявӣ мебошад. Даромади худдии буҷети вилоят дар як сол танҳо қариб 25,7 фоизи хароҷотро таъмин менамояд.

Танҳо соли 2015 барои дастгирии буҷети вилоят 159,0 млн. сомонӣ субвенсия ҷудо гардидааст, ки ин ба 64 фоизи қисмати хароҷоти он баробар мебошад. Самаранок истифода намудани захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ метавонад барои ғанӣ намудани буҷети маҳаллӣ заминаи устувор гузорад.

Беҳтар намудани имкониятҳои молиявии вилоят яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати кунунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ мебошад. Дар соли 2015 даромади худди буҷети вилоят маблағи 52,9 млн. сомониро ташкил дода, он нисбати соли 2010 бештар аз 2,7 маротиба зиёд мебошад.

Даромади худии буҷети вилоятро асосан андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз фоидаи корхонаҳо таъмин менамоянд. Ҳиссаи ин намуди андозҳо дар қиёси иҷрои нақшаи буҷети вилоят муттаносибан 54,7 ва 13,7 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, қайд бояд намуд, ки ҳиссаи намуди андози тибқи низоми соддакардашудаи соли 2015 нисбати соли 2012 8,3 фоиз зиёд гардидааст. Ин нишондиҳанда рушди соҳаи соҳибкорӣ ва зиёд гардидани миқдори соҳибкоронро шаҳодат медиҳад.

Буҷети вилоят аҳамияти иҷтимоӣ дошта, асосан ба рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг равона мегардад. Дар соли 2015 ҳаҷми умумии хароҷотҳои соҳаи иҷтимоии вилоят 78,2 фоизро ташкил доданд.

Дар ҳудуди вилоят захираҳои зиёди зеризаминӣ мавҷуд буда, ба кор андохтани корхонаҳои истихроҷ ва коркарди ин захираҳо имконият медиҳад, ки буҷети худдии вилоятро дучанд зиёд намояд. Инчунин барои рушди соҳаи энергетика шароити хуб муҳайё буда, дарояндаи наздик вилоят метавонад талаботи пурраи аҳолиро қонеъ намуда, содироти онро низ ба роҳ монад.

Инчунин, рушди соҳаи сайёҳӣ дар вилоят ва афзоиши теъдоди сайёҳони дохилию хориҷӣ низ метавонад яке аз манбаъҳои ғанигардонии қисми даромади буҷети вилоят гардад.

**2.6. Иштироки аҳли ҷомеа.**

Таҳия намудани барномаҳои стратегии рушди минтақаҳо дар шароити тағйирёбии зинавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ раванди асосии рушди устувори он маҳсуб меёбад. Нақшаи стратегӣ имконият медиҳад, ки тамоюлҳои манфиро пешгирӣ намуда, натиҷаҳои бадастомадаро ҳифз намояд.

Иштироки аҳли ҷомеа асоси таркибии банақшагирии стратегӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд имкон медиҳад, ки доираи васеи аҳли ҷомеа дар таҳия, қабули қарорҳои муҳимтарин, ки ба рушди минтақа равона шудаанд, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани масъулият нисбати банақшагирӣ ва қабули қарорҳои дахлдор ва амалисозии онҳо мусоидат менамояд.

Бо назардошти ин, раванди банақшагирии стратегӣ ва рушди минтақа бояд ба натиҷаҳои гузаронидани мониторинги афкори аҳолӣ такя намояд. Мақсади гузаронидани чунин мониторинг – мунтазам ошкор намудани афкори ҷомеа оид ба амалисозии вазифаҳои афзалиятноки стратегӣ ва дурнамои рушди минтақа мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки аҳолӣ барои рушди ояндаи минтақаашон фаъолона ширкат намоянд.

Бо дарназардошти аҳамияти аввалиндараҷаи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ВМКБ барои солҳои 2016-2020 ҷиҳати таҳияи Барнома гурӯҳи кории вилоятӣ аз ҳисоби идораю муассисаҳои давлатию ғайрдавлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд таъсис дода шуд.

Барои татбиқи бомуваффақияти Барномаи рушди вилоятии миёнамӯҳлат ва саривақт бартараф намудани мушкилотҳои бамиёномада минбаъд низ намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҷалб карда мешаванд.

## БОБИ 3. ТАЪМИН НАМУДАНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Дар вилоят имкониятҳои васеъ барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мавҷуд аст. Аз ҷумла, мавҷудияти захираҳои зиёди канданиҳои фоиданок, гидроэнергетикӣ, обҳои нӯшокӣ ва шифобахш, мавзеъҳои гуногун барои ҷалби сайёҳон ва имконият барои ташаккул додани инфрасохтори нақлиётии байналмилалӣ метавонанд дар оянда ба рушди иқтисодиёти вилоят такони ҷиддӣ бахшад.

**3.1 Кишоварзӣ**. Асоси рушди соҳаи иқтисодиёти вилоятро соҳаи кишварзӣ ташкил дода, маҳз 85 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар ҳамин соҳа кору фаъолият менамоянд.

Дар вилоят истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва аҳолӣ мебошанд, ки дар соли 2015 ҳиссаи онҳо дар таркиби ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилоят мутаносибан 38 фоиз ва 60 фоизро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, дар ҳудуди вилоят 1 адад хоҷагии ҷамъиятӣ, 65 адад Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ, 75 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва 14911 адад хоҷагиҳои инфиродӣ мавҷуд мебошанд.

Дар соли 2015 бошад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 598,0 млн.сомониро ташкил дод, ки аз ин 359,2 млн. сомонӣ (60,0%) ба соҳаи

растанипарварӣ ва 238,7 млн. сомонӣ (39,0 %) ба соҳаи чорводорӣ рост меояд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2010-2015 (млн. сомонӣ)




Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзӣ маҳсуб ёфта, соли 2015 ҳиссаи истеҳсоли он дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии вилоят 60,1 фоизро ташкил дод. Солҳои охир бо мақсади минбаъд зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ба равнақ додани соҳаи боғдорӣ диққат дода шуд. Айни ҳол дар вилоят 2678 гектар боғот мавҷуд ҳастанд, ки аз он боғи ҳосилдиҳанда 2327 гектарро ташкил медиҳанд. Соли 2015 истеҳсоли мева ба 19094 тонна расонида шуд.

Зиёда аз 40 фоизи маҷмӯи маҳсулоти кишоварзиро маҳсулоти соҳаи чорводорӣ ташкил медиҳанд. Рушди ин соҳа ба хусус, дар ноҳияҳои шарқии вилоят, Мурғоб, Ишкошим, Рошткалъа, Шуғнон ва шимолу шарқии Рушон (водии Бартанг) беҳтар ба роҳ монда шудааст.

Бо назардошти он, ки 93 фоизи ҳудуди вилоят кӯҳсор мебошад, бинобар ин самаранок ва оқилона истифода намудани замин яке аз афзалиятҳои асосӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад. Соли 2015 дар натиҷаи кишт намудани талу теппаҳо ва азхудкунии заминҳои бекорхобида майдони кишти замин дар вилоят 379 гектар васеъ карда шуд.

Инчунин, шароити мусоиди иқлимию табиии вилоят имконият медиҳад, ки соҳаҳои қутоспарварӣ, занбури асалпарварӣ, моҳипарварӣ ва паррандапарварӣ минбаъда низ тараққӣ дода шаванд.

Гарчанде, ки иқлими вилоят нисбатан сард бошад ҳам, дар ҳудуди он 2500 намуди гиёҳҳо мерӯянд ва аз онҳо, зиёда аз 250 намуди он гиёҳҳои шифобахш ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар ҳудуди вилоят имконияти ба таври сунъӣ ба роҳ мондани парвариши ин намуди гиёҳҳо дар кӯҳҳову теппаҳои ноҳияҳои вилоят мавҷуд буда, минбаъд дар заминаи он тайёр намудани доруворӣ ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Барои соҳаи кишоварзӣ м**ушкилиҳои** зерин хос мебошанд:

-камиқтидории хоҷагиҳои деҳқонӣ ва суст истифода намудани сиёсати қарз дар соҳа;
- ташаккул наёфтани соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- мавҷуд набудани анбор ва сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулот;
- дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани базаи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ;
- ба талабот ҷавобгуй набудани фаъолияти хадамотҳои байторӣ ва норасогии нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво;
- ҳолати ғайриқаноатбахши шабакаи обёрӣ;

**Ҳадафи** асосии соҳа ин таъмини рушди устувори соҳа ва ба ин васила қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо озуқа ва таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зеринро иҷро намудан зарур аст:

- самаранок ва оқилона истифода бурдани захираҳои об ва замин;
- ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои замонавӣ;
- истифодаи усулҳои пешқадам ва технологияи нав дар истеҳсолот, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишт ва азхудкунии заминҳои нав.

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар Барнома амалӣ намудани 12 тадбирҳои муҳим ба маблағи 32469,0 ҳазор сомонӣ, ки асосан ба азхудкунии заминҳои нав ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо, ташаккули соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, равнақи соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ нигаронида шудаанд.

Тибқи Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барои солҳои 2012-2020 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 сол, №450 тасдиқ шудааст) нақшаи азхудкунии замини нав барои солҳои 2013-2020 дар вилоят ҳамагӣ 830 гектар ба маблағи 9,6 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҳисоби бунёди боғҳои нав майдони боғҳои ҳосилдиҳанда то соли 2020 ба 2370 гектар расонида мешавад. Ҳамасола бунёд намудани зиёда аз 35 гектар бунёди боғҳои нав ба нақша гирифта шудааст.

Татбиқи тадбирҳои пешбинигардида имконият медиҳад, ки то соли 2020 маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархҳои амалӣ) ба 755,2 млн. сомонӣ расонида шавад, ки нисбат ба соли 2015 (бо нархҳои муқоисавӣ) 128,3 фоизро ташкил хоҳад дод.

## 3.2. Саноат.

**Таҳлили ҳолати умумӣ.** Соли 2015 ҳиссаи маҳсулоти саноатии вилоят дар таркиби ҳаҷми маҳсулоти саноатии кишвар 0,6 фоизро ташкил дод. Дар вилоят соҳаҳои энергетика, саноати сабук ва хӯрокворӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ рушдёфта маҳсуб меёбанд.

**Ҳиссаи бахши саноат.**




Таи солҳои охир шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ пайваста афзоиш ёфта, аз 28 адади соли 2010 то 105 адад дар соли 2015 расонида шуд, ки бунёди 22 корхонаву коргоҳҳои нави он ба соли 2015 рост меояд. Шумораи умумии кормандони соҳа 1000 нафарро ташкил дода, ҳиссаи он дар сохтори таркибии шуғли вилоят ба 1,7 фоиз баробар мебошад.

Дар соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 113,2 млн сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба 78,2 млн сомонӣ ва ё 2,5 маротиба зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2010 – 2015 (млн. сомонӣ)



Айни замон, барои рушди соҳаи саноти вилоят як қатор **мушкилиҳо** мавҷуданд, ки садди роҳи равнақи минбаъдаи он гардида истодаанд:

-шумораи ками корхонаҳо оид ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ;

- норасогии техника ва технологияҳои нав дар корхонаҳои мавҷуда;
- таъмин нагардидани корхонаҳои фаъолияткунанда бо ашёи хоми зарурӣ;
- нарасидани кадрҳои соҳибихтисос;
- ҷалби сусти сармоягузориҳо ба соҳа.

**Ҳадафҳои асосии** соҳаи саноат инҳоанд:
- баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа;
- рушд ва истифодаи самараноки иқтидорҳои инноватсионӣ;
- муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди комплекси агросаноатии вилоят;

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда **вазифаҳои** зеринро иҷро намудан зарур аст:
- бунёди корхонаҳои нав ва ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ;
- ташаккули шабаки таъминоти корхонаҳои коркард бо ашёи хом;
- муҷаҳҳазгардонии корхонаҳои амалкунанда бо таҷҳизоти зарурӣ;
- таъмин намудани истифодаи оқилонаи таҷҳизот;
- ҷалби кадрҳои баландихтисос.

Яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти вилоят ин саноати истихроҷи маъдан мебошад. Аз рӯи маълумотҳои мавҷуда дар ҳудуди вилоят зиёда аз 250 зуҳуроти канданиҳои фоиданок ба қайд гирифта шудаанд. Дар айни замон 12 кон, 54 зуҳуроти маъдан бо 24 намуди канданиҳои фоиданок, аз ҷумла конҳои ангишт, зуҳуроти ояндадори оҳан, манган, мис, тилло, қалъагӣ, волфрам, ашёи гилхоки алюминийдор, инчунин хок барои истеҳсоли хишт, семент, зуҳуроти ояндадори нуқра ва кони калонтарини ашёи боросиликат, намак, молибден, висмут, асбест, ашёъ барои истеҳсоли оҳаксанг ва хоки омехтаи регу қум барои истеҳсоли шиша ошкор шуданд.

Дар Барнома бо мақсади муайян намудани захираҳои канданиҳои фоиданок тадбиқнамоии тадбирҳо аз қабили иҷрои корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти титани Башгумбези ноҳияи Мурғоб, зуҳуроти миси Ширтугаки ноҳияи Дарвоз, сангҳои худҷило дар Ҷануби Ғарбии Помири ноҳияи Роштқалъа, инчунин, корҳои иктишофи пешакии қабатҳои поёнии кони Барфии ноҳияи Мурғоб ва ашёи сементии ноҳияи Ванҷ пешбинӣ гардидаанд.

**Саноати хӯрокворӣ.** Ҳамчун ҷузъи комплекси агросаноатӣ саноати хӯрокворӣ дар рушди иқтисодиёти вилоят мавқеи махсус дорад. Ҳиссаи он, дар таркиби сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 20,8 фоизро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | 2010 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонна | 297 | 326 | 330 | 478 |
| Маҳсулоти ҳасибӣ | тонна | 3,9 | 3,1 | 3,0 | 3,3 |
| Маҳсулоти шири холис | тонна | - | | 3,7 | 5,7 |
| Маҳсулоти қаннодӣ | тонна | 14 | 9 | 8 | 18 |
| Нӯшобаҳои беалкогол | литр | 19050 | 18205 | 27088 | 28100 |

Таҳлили маълумоти овардашуда нишон медиҳад, ки аз рӯи аксарияти номгӯи маҳсулот то солҳои 2010-2015 тамоюли афзоиш нигоҳ дошта шуда, идома додани суръати афзоиши он ҳамчун афзалият дар доираи Барномаи мазкур низ пайгирӣ карда мешавад.

Бо мақсади таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа барои рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ, бунёд намудани корхонаҳои нав оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, дар заминаи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ зиёд намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда ва маҳсулоти асосии хӯрокворӣи истеҳсоли маҳаллӣ маҳсуб меёбанд.

Дар доираи Барнома татбиқ намудани 18 тадбир ба маблағи 79,0 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки асосан аз бунёд намудани корхонаҳои хурди коркард иборат мебошанд.

**3.3. Комплекси сӯзишворию энергетикӣ**

**а) Энергетика.** Захираи умумии гидроэнергетикии вилоят 13,3 млн.кВт арзёбӣ мегардад, ки ҳангоми истифодаи самараноки он ба ҳисоби миёнаи солонаи он то 80-90 млрд.кВт.соат қувваи барқ истеҳсол намудан мумкин аст.

Барои самаранок истифодаи захираҳои мавҷуда системаи мавҷудаи энергетикии вилоят тибқи Шартномаи консессионии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати энергетикии Помир ба мӯҳлати 25 - сол ба иҷора дода шудааст.

Дар вилоят ба ҳолати ҳозира 53 адад нерӯгоҳҳои барқи обии хурд, ки аз онҳо 11 ададашон дар тавозуни Ширкати «Помир Энерҷӣ», 3 адад дар тавозуни ҶДММ «Ориён ГЭС» ва 39 адад дар тавозуни ноҳияҳо мебошанд. Иқтидори нерӯгоҳҳои мавҷудбуда ба ҳолати ҳозира 48,605 ҳазор. кВт мебошад, ки ин 0,5 фоизи иқтидори мавҷудбудаи энергетикии дарёҳои вилоятро ташкил медиҳад. Соли 2015 дар вилоят ба миқдори 184 млн. кВт соат нерӯи барқ истеҳсол карда шудааст. Иқтидори нерӯгоҳҳои барқии вилоят барои рушди соҳаи кӯҳкорӣ ва ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ басанда нест. Ин миқдори нерӯ танҳо талаботи маишии аҳолиро қонеъ мегардонад.

Дар солҳои охир дар вилоят нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ, аз он ҷумла дар ноҳияи Дарвоз НБО –и «Ширг -1» бо иқтидори 1260 кВт, НБО – и «Ширг - 2» бо иқтидори 500 кВт сохта ба истифода дода шуданд. Дар соли

2013 дар ноҳияи Ванҷ НБО «Ванҷ - 2» бо иқтидори 900 кВт, дар ноҳияи Роштқалъа НБО «Тусён» - 400 кВт, ноҳияи Ишкошим НБО – и «Ямчун» - 150 кВт сохта ба истифода дода шуд.

Мувофиқи «Барномаи азхуд намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ барои солҳои 2016 – 2020» дар ҳудуди вилоят сохтмони 6 адад нерӯгоҳҳои хурди барқӣ бо иқтидори умумии 23500 кВт ба нақша гирифта шудааст.

Истеҳсоли нерӯи барқ агар соли 2010 дар вилоят 163 млн. кВт/соатро ташкил медод, соли 2013 170,4 млн. кВт/соат ва соли 2015 184 млн. кВт/соатро ташкил медиҳад, ки ҳар сол истеҳсоли он аз 4 то 5 фоиз афзуда истодааст.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад – ин норасогии воситаҳои молиявӣ барои сохтмони НОБ- ҳои нав, қаноатбахш набудани ҳолати шабакаҳои барқӣ, кӯҳна гардидани таҷҳизотҳои барқӣ (трансформаторҳо, симчубҳо, ноқилҳо ва ғайра).

**Ҳадафи асосии** рушди бахши мазкур ин таъмин, боэътимодӣ ва доимии аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо нерӯи барқ мебошад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

-баланд бардоштани самаранокии НОБ – ҳои амалкунанда;
-тақвияти базаи моддию техникии шабакаҳои барқӣ;
-баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохт барои нерӯи барқ;
-ҷорӣ намуданӣ таҷрибаи истифодаи сарчашмаҳои барқароршавандаи нерӯи барқ.

Дар доираи иҷрои вазифаҳои пешниҳодгардида дар лоиҳа татбиқнамоии 4 тадбир ба маблағи 576,3 миллион сомонӣ аз ҷумла сохтмони НБО-и “Санобод”(125 мВт) дар ноҳияи Рӯшон, сохтмони НБО-и “Чарсем” бо иқтидори то 15 мВт, харидорӣ намудани трансформаторҳои нав, иваз намудани таҷҳизоти кӯҳна ва дигар корҳо пешбинӣ гардидаанд. Дар натиҷаи амалӣ намудани нақшаҳои пешбинигардида то соли 2020 талаботи вилоят бо неруи барқ 95 фоиз қонеъ карда мешавад.

### 3.4 Сохтмон

**Таҳлили ҳолати умумӣ ва мушкилот.** Сохтмон яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти вилоят ба ҳисоб рафта, нақши он дар пешрафти иқтисодиёт ва дар ин замина таъсиси ҷойҳои нави корӣ баланд арзёбӣ мегардад. Айни замон, дар соҳаи мазкур зиёда аз 6000 нафар коргар машғули кор мебошанд. Дар давоми 5 соли охир афзоиши нишондиҳандаҳои соҳаи сохтмон ба мушоҳида мерасад.

Бо мақсади рушди иқтисодиёти вилоят дар давраи солҳои 2010-2015 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ дар ҳаҷми 842,5 млн. сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст, ки аз ин 481,8 млн. сомонӣ ба маблағгузориҳои

давлатӣ, 268,7 млн. сомонӣ ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва 92,0 млн. сомонӣ ба сармоягузориҳои хусусӣ рост меояд.

Бо назардошти сол то сол тағйир ёфтани вазъи демографии вилоят ва дар ин асос афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ зарурияти беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба манзил, самаранок истифода намудани масолеҳи сохтмонӣ ва дар ин замина бунёд намудани корхонаҳои нави истеҳсолӣ ба миён меояд.

Тамоюли афзоиши нишондиҳандаҳои асосии соҳаи сохтмон дар солҳои 2010 -2015 (ҳазор сомонӣ)

| | Сармояи асосӣ ичро кард шуд (аз хисоби хама манбаъхои сармоягузорӣ) | Ба кор андохтани фондҳои асосӣ | Ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ (ҳаз.метри мураббаъ) | Ба истифода додани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ (ҷои талаба) |
|---|---|---|---|---|
| 2010 | 126,7 | 112,6 | 16,3 | 240 |
| 2011 | 119,8 | 148,9 | 14,3 | 640 |
| 2012 | 101,6 | 57 | 24,1 | |
| 2013 | 161,5 | 84,6 | 24,8 | |
| 2014 | 240,2 | 91,7 | 33,3 | |
| 2015 | 248,9 | 141,8 | 50,2 | |
| Всего | 998,7 | 636,6 | 156,8 | 880 |

Дар тӯли солҳои 2010-2015 дар ҳудуди вилоят дар ҳаҷми 156,8 ҳазор метри мураббаъ бо маблағи умумии 101,0 млн. сомонӣ хонаҳои истиқоматӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Сол то сол зиёд гардидани бунёди хонаҳои истиқоматӣ дар ҳудуди вилоят ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ, дастрасии аҳолӣ ба манзили истиқоматӣ ва беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Барои соҳаи мазкур мушкилиҳои зерин хос мебошанд.

-фарсудашавии мошинҳо ва таҷҳизоти ташкилоти пудратӣ;

-мавҷуд набудани иқтидорҳои худӣ барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (вобастагӣ аз воридоти масолеҳи сохтмонӣ);

-норасоии молиявӣ барои зиёд намудани воситаҳои гардон ва ғайригардон;

-мавҷуд набудани гаравҳои пардохтпазир барои гирифтани қарзҳо ва вомҳои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат, баланд будани қарзҳои бонкӣ ва кутоҳ будани мӯҳлати баргардонии онҳо.

**Ҳадафи асосӣ** ин ташкил намудани соҳаи рақобатпазири сохтмонӣ, мутобиқи стандартҳои баланди сифат ва самаранокӣ.

**Вазифаҳои асосӣ** -зиёд намудани ҳаҷм ва баланд бардоштани сифати корҳои сохтмонӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи масолеҳи сохтмонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи сохтмон, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба манзил, беҳтар намудани базаи моддию техникии ташкилотҳои сохтмонӣ ва дигарҳо мебошад.

Бо мақсади зиёд намудани дастрасии аҳолӣ ба манзил то соли 2020 ба кор андохтани хонаҳои истиқоматӣ дар ҳаҷми умумии 50 ҳаз. м$^2$ дар назар дошта шудааст. Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамо то соли 2020 ҳаҷми

сармоягузориҳои асосӣ дар сохтмон ба маблағи 350,5 млн. сомонӣ, корҳои сохтмонию васлкорӣ 347,2 млн. сомонӣ, ба кор андохтани фондҳои асосӣ ба маблағи 137,3 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Ду лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба истеҳсоли семент ва хишт амалӣ карда мешаванд, ки дар натиҷа 20000 тонна семент ва 1,0 млн. дона хишт истеҳсол мегардад.

### 3.5. Савдои дохилӣ ва хориҷӣ, хизматрасонӣ ва сайёҳӣ

**Савдои дохилӣ**. Сол то сол беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар ҳудуди вилоят ба афзоиши гардиши савдои дохилӣ мусоидат намуда, барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои мавҷуда заминаи устувор мегузорад. Соли 2015 шумораи умумии нафароне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши савдову тиҷорат машғуланд 2778 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба 1029 нафар ва ё 1,6 маротиба зиёд мебошад.

Дар баробари ин, таи солҳои охир теъдоди бозорҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ва омехта зиёд гардида, айни ҳол 28 бозор фаъолият доранд.

Дар соли 2015 гардиши савдои чаканаи вилоят 101,6 млн. сомониро ташкил дод, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии гардиши савдои чаканаи кишвар (12823,9 млн. сомонӣ) 0,8 фоизро ташкил медиҳад.

**Мушкилиҳои асосие**, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, ин:

-дар ҳолати ногувор қарор доштани инфрасохтори мавҷуда;

- баланд будани арзиши боркашонӣ (ки ба арзиши аслӣ ва фурӯши молу маҳсулот таъсири мустақим дорад);
- баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ;
- истифода нагардидани захира ва иқтидорҳои мавҷуда маҳсуб меёбад.

**Савдои хориҷӣ.** Мусоидат намудан ба рушди савдои хориҷӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини дастрасии аҳолӣ ба молу маҳсулоти алтернативӣ ва стандартҳои баланди сифат маҳсуб меёбад. Воқеан ҳам, бе рушди самарабахши савдои хориҷӣ афзоиш додани номгӯй ва навъҳои мол дар шабакаи савдои вилоят ғайриимкон мебошад.

ВМКБ фаъолияти тиҷорати худро бо кишварҳои ҳамсоя аз қабили Хитой, Афғанистон, Қирғизистон ва кишварҳои ИДМ ба роҳ мондааст. Ин пеш аз ҳама ба наздикии марз, мавҷудияти инфрасохтори нақлиётии аввалӣ ва робитаҳои тӯлонии тиҷоратӣ марбут аст.

Дар соли 2015 ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилоят 33,3 млн. доллари ИМА – ро ташкил дода, дар таркиби он ҳиссаи воридот – 32,8 млн. доллари ИМА ва содирот 0,5 млн. доллари ИМА – ро ташкил дод.

Илова ба ин, ташкил гардидани бозорҳои наздисарҳадӣ ба монанди Рузвай (н. Дарвоз), Хумроғӣ (н. Ванҷ), Тем (ш. Хоруг) ва Ишкошим (н. Ишкошим) миёни вилоятҳои ҳаммарз бо Афғонистон метавонад ба рушди тиҷорати хориҷӣ мусоидат намояд. Ҷиҳати густариш додани савдои хориҷӣ ташкил намудани 4 бозори наздисарҳадии нав (Лангар, Гунчбой, Кулма ва Қарасӯ) дар назар дошта шудааст.

**Хизматрасонӣ.** Дар солҳои охир дар вилоят афзоиши нақши соҳаи хизматрасонӣ ба мушоҳида мерасад, ки бевосита ба рушди иқтисодиёти вилоят таъсир мерасонад. Ҳамасола номгӯи хизматрасониҳои

пешниҳодшаванда васеъ гардида, афзоиши шумораи машғулшудагон дар ин соҳа ба мушоҳида мерасад. Дар соҳаи хизматрасонӣ соли 2015 30 фоизи аҳолии қобили меҳнати вилоят машғул буданд. Ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) 9 фоизро ташкил медиҳад.

Маблағи умумии хизматрасониҳои пешниҳодгардида дар вилоят дар давраи солҳои 2010-2015 (ҳаз. сомонӣ)

Сохтори соҳаи хизматрасонии пулакӣ (бо %)




**<u>Сайёҳӣ.</u>** Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дорои имконият ва захираҳои бузурги рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Табиати нотакрор ва кӯҳҳои осмонбус вилоятро ба яке аз мавзеъҳои зебоманзар барои навъҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла экосайёҳӣ, кӯҳнавардӣ, рафтинг, сайёҳии деҳотӣ, шикор ва ғайра табдил додааст.

Саноати туристии замони муосир яке аз соҳаҳои рушдёбанда ва сердаромади иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад. Вусъат бахшидан ба рушди туризми дохилӣ дар баробари таъсири мусбии он ба шуғли аҳолӣ барои ҷалби маблағгузориҳои ватанию хориҷӣ ба инфрасохтори туристӣ низ мусоидат менамояд. Бо ин мақсад ҳамасола дар шаҳри Хоруғ Фестивали «Боми Ҷаҳон» бо иштироки сармоягузорони ватанию хориҷӣ гузаронида мешавад.

Ҳоло дар ҳудуди вилоят (ба 01.01.2016) 10 адад ширкатҳои туристӣ фаъолият доранд. Таи солҳои охир барои ҷалби бештари сайёҳон 6 хатсайр ташкил гардида, то соли 2020 расонидани онҳо ба 12 адад дар назар дошта шудааст.

Бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтор, хизматрасонии соҳа, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва дар сатҳи баланд қабул намудани сайёҳон дар ҳудуди вилоят 86 меҳмонхона, аз ҷумла 49 адад меҳмонхонаҳои хурд ва 11 меҳмонхонаи хусусӣ (дар ш. Хоруғ) ташкил карда шудааст.

Барои идома додани рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ то соли 2020 таъсис додани боз 12 адад меҳмонхонаҳои хурд ва 8 адад хусусӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳамзамон, дар ҳудуди вилоят 4 осоишгоҳ (Гарм-Чашма, Авҷ, Ямчун ва Ҷелондӣ) мавҷуд аст, ки аз онҳо ҳамасола зиёда аз 36 ҳазор сайёҳони дохилию хориҷӣ истифода мебаранд.

Бо назардошти он, ки дар ҳудуди вилоят имкониятҳои васеи эҳё ва рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ мавҷуд аст, бинобар ин пайваста гузаронидани чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотии соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб хоҳад ёфт.

**Мушкилиҳои асосие**, ки садди роҳи рушди соҳаи сайёҳӣ гардида истодаанд:

- низоми мураккаби рафту омади сайёҳон (пурсиши иҷозати иловагӣ барои ворид шудан ба вилоят);
- мавҷуд набудани мақоми (статуси) байналмилалии гузаргоҳи сарҳадии Кулма;
- норасогии нуқтаҳои хизматрасонии сайёҳон (инфрасохтор) бо назардошти талаботи гигиенӣ;
- набудани ҳаракати доимии тайёраҳо дар хатсайри Душанбе – Хоруғ;
- норасогии мутахассусони касбӣ ва роҳбаладони ботаҷриба;
- кам будани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва реклама дар байни ҷомеа (махсусан муассисаҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот) оид ба аҳамияти соҳаи сайёҳӣ ва ҳифзи муҳити зист.

**Ҳадафи асосии соҳа и**н ташаккули саноати сайёҳии рақобатпазир ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои асосӣ** барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда инҳоанд:

- баланд бардоштани сифати пешниҳоди хизматрасониҳо;
- бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои дастрасии раводид ба сайёҳон;
- беҳтар намудани ҳолати мавҷудаи инфрасохтори аввалиндараҷа (бо назардошти талаботи гигиенӣ).

### 3.6. Нақлиёт, хоҷагии роҳ ва алоқа

<u>**Нақлиёт.**</u> Рушди иқтисодиёти вилоят ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофии он ба пешрафти соҳаҳои нақлиёт, роҳ ва алоқа робитаи мустақим дорад. Ин аст, ки соли 2015 дар қиёс ба соли 2010 ҳаҷми боркашонӣ ва гардиши бор мутаносибан 32,9 фоиз ва 2,5 маротиба, мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон мутаносибан 70 ва 115,1 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар ҳудуди вилоят 5 фурудгоҳи маҳаллии хизматгузории нақлиёти ҳавоии дохили ҷумҳуриявӣ (Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим ва Мурғоб) мавҷуд аст, ки банобар сабаби ба талаботи меъёрию техникӣ ҷавобгуй набудан 3-тои онҳо (Дарвоз, Ишкошим ва Мурғоб), истифода карда намешаванд.

<u>**Хоҷагии роҳ.**</u> Дарозии умумии роҳҳои автомобилгарди вилоят 3620,4 км -ро ташкил медиҳад, ки аз он ҳоло 2812,2 км бо болопӯши муккамал мебошад. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум 2712,0 км, роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ 1681 км ва роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ 1031,0 км - ро ташкил медиҳад.

Дар вилоят барои рушди соҳаи роҳдорию роҳсозӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд, ки ин боиси таъмини эҳтиёҷоти шаҳрвандон ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ва дастрасии ҳамаҷонибаи онҳо ба ин хизматрасониҳо гардид. Беҳтар шудани хизматрасониҳо ба таъмини шароити бехатар интиқол додани бору мусофирон, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар комплекси нақлиёт бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳиссагузориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 96,1 млн. доллари ИМА татбиқ шудааст, ки дар натиҷа 104,43 км роҳ ва 8 адад пул сохта ба истифода дода шудаанд. Ҳамзамон, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағгузории Фонди Оғохон дар ин давра 6 адад пул бо дарозии умумии 584,9 метри тӯлонӣ ба маблағи 4685,4 ҳазор доллари ИМА сохта ба истифода дода шуданд. Дар баробари ин, сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб, қитъаи Шӯрообод-Шоҳон бо дарозии 40 км ва 10 адад пул ба маблағи 92,9 млн. доллари ИМА идома дорад ва тибқи нақша соли ҷорӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад. Инчунин, корҳои лоиҳакашию кофтуковӣ дар лоиҳаи таҷдиди роҳи мошингарди Қалъаи Хумб-Ванҷ-марзи ноҳияи Рӯшон идома дорад.

**Алоқа.** Дар ҳудуди вилоят 11 истгоҳҳои телефонӣ (бо дарозии 16865 км хат ва 10325 ҳазор нуқта) ва 4 адад шабакаи алоқаи мобилӣ мавҷуд мебошанд, ки тамоми аҳолии вилоятро ба хизматрасонӣ фаро мегиранд.

Дар ҳудуди вилоят 170 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал намуда, ба аҳолӣ имконият медиҳанд, то аз барномаҳои телевизионии «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Шабакаи якум» ва “Вилоятӣ” истифода намоянд. Дастрасии аҳолии вилоят ба шабакаи ҷаҳонии интернет 58 фоизро ташкил дода, аз ҷониби ширкатҳои Тсел, Вавилон, Билайн, Мегафон ва Телеком Технолоҷӣ таъмин карда мешавад.

Дар баробари ин, дар ҳудуди вилоят 11 рӯзномаҳои маҳаллию вилоятӣ бо теъдоди умумии 8674 ҳазор нусха нашр мешаванд, ки аҳолии вилоятро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии вилоят огоҳ месозанд.

**Мушкилотҳои асосии соҳа:**

- норасогии воситаҳои молиявӣ барои сари вақт гузаронидани таъмиру азнавсозии роҳҳо;
- дар ҳолати ногувор қарор доштани аксари роҳҳои маҳаллӣ;
- норасогии техникаю таҷҳизотҳои замонавӣ ва мутахассисони баландихтисос;
- сатҳи пасти фарогирии аҳолӣ ба барномаҳои телевизионӣ ва интернет;
- кӯҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизотҳои нашриётҳои маҳаллӣ.

**Ҳадафи асосии соҳа**- қонеъ гардонидани талаботи пурраи истифодабарандагони хизматрасонӣ тавассути баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои пешниҳодшаванда.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- ҷалби бештари сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ;
- барқарор сохтани фурудгоҳҳои маҳаллӣ ва ба роҳ мондани истифодаи самараноки онҳо;
- беҳтар намудани базаи моддию техникии хоҷагии роҳ;
- ҷалби кадрҳои баландихтисос;
- беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда;
- баланд бардоштани фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои алоқа.

Дар доираи Барнома идома додани сохтмони қитъаи роҳи автомобилгарди Кӯлоб–Хоруғ–Мурғоб-Кулма (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой - роҳи бузурги Абрешим), таъмири асосии роҳи байналмилалии Мурғоб – Ош, оғози сохтмони шоҳроҳи Қарақарум ба воситаи дараи Вахон (долони нақлиётӣ – роҳи кутоҳтарин барои дастёбӣ ба бандарҳои Покистон), азнавсозии роҳи нақлиётии Дарвоз - Ванҷ дар назар дошта шудааст, ки ин ба рушди ҳамлу нақли автомобилии байналмилалӣ замина мегузорад.

Иҷрои вазифаҳои гузошташуда имконият медиҳад, ки то соли 2020:

- зиёд намудани ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ аз 592,2 млн. тонна ва 5,6 млн. нафари мавҷуда то ба 1308,2 млн. тонна ва 8,2 млн. нафар;
- расонидани дастрасии аҳолӣ ба интернет то ба 70 фоиз.

# БОБИ 4. РУШДИ ИҶТИМОӢ

## 4.1. Маориф

**Таҳлили ҳолати мавҷуда.** Маориф яке аз соҳаҳои муҳимест, ки дар пешбурди ҷомеа ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор аст. Таи солҳои охир тағйирёбии вазъи демографӣ ба коҳишёбии шумораи хонандагон дар ҳудуди вилоят таъсир расонида, диққати махсусро дар доираи Барнома талаб менамояд.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ҳудуди вилоят 21 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 1613 нафар кӯдак амал намуда истодааст, ки ҳамаи муассисаҳо тобеи шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят мебошанд. Дар баробари ин, бо мақсади беҳтар намудани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ марказҳои инкишофи кӯдакон ташкил карда шудааст, ки 185 гурӯҳро бо фарогирии 3978 нафар кӯдакони 6 сола дар бар мегирад. Дар ин самт 158 мураббӣ ба таълиму тарбия машғул мебошанд.

Ба ҳолати 01.01.2015 фарогирии умумии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ 24 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин муддат дар 131 адад Марказҳои инкишофи кӯдакон 2943 нафар кӯдак бо фарогирии 277 омӯзгор фаъолият намудаанд.

**Маълумоти умумӣ.** Дар ҳудуди вилоят 313 муассисаи таълимӣ (аз ҷумла, 200 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 41 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 72 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ) амал намуда истодаанд, ки аз ин 1 адад литсей, 1 адад гимназия ва 1 адад мактаби хусусӣ мебошад.

Шумораи умумии хонандагон 38037 нафарро ташкил дода, ба тарбияи онҳо 5621 нафар омӯзгорон машғул мебошанд.

Дар баробари ин, дар ҳудуди вилоят 16 интернати наздимактабии ноҳияҳо бо фарогирии 449 нафар ва 1 мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ (н. Рӯшон) бо фарогирии 261 нафар фаъолият намуда истодаанд.

Сол то сол тағйирёбии вазъи демографии вилоят боиси камшавии теъдоди хонандагон гардидааст. Коҳишёбии ин нишондиҳанда дар соли 2015 дар қиёс ба соли 2010 6,8 фоизро ташкил дод.

Шумораи умумии хонандагон ва муассисаҳои таълимӣ дар тӯли солҳои хониши 2010-2015.




Дар давоми 4 соли охир, дар ҳудуди вилоят барои сохтмону азнавсозии мактабҳо зиёда аз 16 миллион сомонӣ ҷудо карда шуда, 65 иншоот, аз ҷумла 55 мактаби нав барои 7461 ҷои нишаст таъмиру барқарор ва сохта ба истифода дода шуд.

Таъминот бо **мутахассисон.** Ҳоло дар муассисаҳои таълимии мавҷуда шумораи умумии омӯзгорон 5621 нафарро ташкил дода, аз онҳо 4253 нафар (75,7%) дорои маълумоти олӣ, 261 нафар (4,6%) дорои маълумоти олии нопурра, 1011 нафар (18,0 %) дорои маълумоти махсуси омӯзгорӣ ва 96 нафар (1,7%) дорои маълумоти умумӣ мебошанд. Илова бар ин, ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ 253 нафар омӯзгорони ғайриихтисос фаъолият мебаранд.

Бо мақсади зина ба зина баланд бардоштани савияи дониши касбии омӯзгорон таи 5 соли охир 6521 нафар курсҳои дахлдори такмили ихтисосро дар дохил ва берун аз вилоят гузаштаанд.

Таъминоти соҳа бо кадрҳои баландихтисос яке аз афзалиятҳои асосии соҳа ба ҳисоб рафта, ҳоло таъминоти соҳа бо кадрҳои лозима 95,5 фоизро ташкил дода, норасогии кадрҳо ба 4,5 фоиз баробар мебошад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои соҳа тайи солҳои 2010 -2015 сатҳи норасогии кадрҳо аз 9 фоиз ба 4,5 фоиз коҳиш дода шуд.

Омода намудани кадрҳои баландихтисос яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа маҳсуб ёфта, дар ин самт ҳоло дар вилоят 1 Донишгоҳи давлатӣ (ба номи Моёншо Назаршоев), 1 адад колеҷи тиббӣ, 1 адад литсеи

техникӣ мавҷуд мебошанд, ки дар онҳо 5274 донишҷӯ ба таълим фаро гирифта шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи донишҷуён, омода намудани кадрҳои сатҳи байналмилалӣ, ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ, беҳтар намудани шароити таҳсили донишҷуён, таъмини технологияи замонавии таҳсил ва дар ин замина бартараф намудани мушкилоти норасогии кадрҳо дар шаҳри Хоруғ сохтмони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ барои 250 донишҷу оғоз гардидааст, кабули аввалин донишҷуён ба солҳои хониши 2017 – 2018 рост меояд.



Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ. Дар муассисаҳои таълимии вилоят 2501 адад компютер, 542 адад принтер бо 242 синфхонаҳои компютерӣ ва 12 адад доскаи электронӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доранд. Дар баробари ин, 47 муассисаи таълимӣ ва шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд. Мактабҳои дигари вилоят тавассути "Модем" пайваст гардидаанд. Аз ҳисоби буҷаи мактабҳо 130 компютер ва 75 принтер харидорӣ карда шудааст. Дар вилоят барои 8 хонанда 1 компютер рост меояд.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- норасогии мутахассисони соҳа;
- ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани шабакаҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ, барқтаъминкунӣ ва гармидиҳӣ дар муассисаҳои томактабӣ;
-норасогии ҷиҳоз ва таъминоти техникӣ;
-сари вақт таъмин нагардидани кӯдакон бо хӯроки гарм ва ғизои солим дар муассисаҳои томактабӣ;
-норасогии майдончаҳои бозӣ ва варзишӣ дар назди муассисаҳои томактабии мавҷуда;
- дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои 12 мактаб, ба таъмири асосӣ ниёз доштани 57 мактаб;
- набудани толорҳои варзишӣ дар 166 мактаб ва майдони варзишӣ дар 5 мактаб;
- норасогии муассисаҳои таълимии муосир.

**Ҳадафҳои асосии соҳаи маориф** – ин беҳтар намудани фарогирии хонандагон ба таҳсил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, иҷро намудани **вазифаҳои зерин** зарур мебошад:

- ба роҳ мондани сохтмони муассисаи таълимии шакли нав ва томактабӣ;
- таъмин ва муҷаҳҳаз гардондани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муассисаҳои таълимии вилоят бо таҷҳизоти зарурӣ ва лавозимотҳои таълимию илмӣ;
- таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисос;
- баланд бардоштани нуфузи маълумот тавассути истифодаи воситаҳои муосири техникию технологии таълим ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ;

- фароҳамсози шароити мусоид барои фаъолияти самаранок ва рақобати солим дар байни мактабҳои таҳсилоти умумии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;
- ташкили самараноки истироҳати тобистона ва солимгардонии кӯдакону наврасон дар истироҳатгоҳу фароғатгоҳҳо;
- фароҳамсозии шароит дар Марказҳои эҷодӣ барои кӯдакон ва ҷавонон.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва дар ин замина рушди инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ то соли 2020 сохтмони 18 муассисаи нави таълимӣ, бунёди 5 адад толорҳои варзишӣ ва 6 адад майдони варзишӣ дар назар дошта шудааст.

Барои расидан ба ҳадафи гузоштаишуда то соли 2020 сохта ба истифода додани 8 кӯдакистони нав дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, ташкил намудани 35 марказҳои иловагии инкишофи кӯдакон ва то соли 2020 баланд бардоштани фарогирии таҳсилоти томактабӣ ба 35 фоиз дар назар дошта шудааст.

## 4.2. Тандурустӣ

**Таҳлили ҳолати мавҷуда.** Мувофиқи маълумотҳои омории вилоят 165 бунгоҳҳои саломатӣ, 47 марказҳои саломатии деҳот, 7 марказҳои саломатии ноҳиявӣ, 1 маркази саломатии шаҳрӣ, 7 беморхонаҳои маркази ноҳиявӣ, 1 беморхонаи вилоятӣ, 54 марказҳои махсусгардонидашуда, 8 стансия ва шӯъбаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ, 9 марказҳои санитарию эпидемиологӣ, 6 муассисаҳои хусусӣ ба аҳолии вилоят хизматрасонии тиббиро ба ҷо оварда истодаанд. Маблағгузории муассисаҳои тиббии вилоят аз ҳисоби буҷети вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва инчунин аз ҳисоби ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ки асосан барои сохтмони биноҳо ва харидорӣ намудани доруворӣ истифода мешавад, ба роҳ монда шудааст. Дар 5 соли охир зиёд гаштани маблағгузории соҳаи мазкур ба назар мерасад. Агар дар соли 2010 барои соҳаи тандурустии вилоят 17,3 млн. сомонӣ ҷудо шуда бошад, дар соли 2015-ӯм 51,6 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст. Зина ба зина зиёд гардидани маблағгузориҳои буҷети соҳаи тандурустӣ имконият дод, ки сифатнокии хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои тиббӣ таъмин гардида, шароити маишии кормандони соҳаи тиб беҳбудӣ ёфт. Инчунин, барои таъмиру азнавсозии муассисаҳо ва харидории таҷҳизотҳои муосир барои ин муассисаҳо мусоидат намуд.

Маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2010-2015 дар ВМКБ (млн. сомонӣ)



Дар 5 соли охир аз ҳисоби ҳамаи намуди сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳудуди вилоят 3 касалхона, 4 маркази саломатӣ, 8 хонаи саломатӣ ва 2 муассисаи ёрирасони тандурустӣ сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Инчунин, таъмири 13 касалхона, 31 маркази саломатӣ, 1 маркази ташхисӣ, 29 бунгоҳи тиббӣ ва 11 муассисаи ёрирасони тандурустӣ анҷом дода шуданд.

Баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, васеъ гардидани хизматрасониҳои тиббӣ, рушди илмии соҳаи тиб, гузаронидани чорабиниҳои махсуси давлатӣ оид ба ҳифзи модар ва кӯдак боиси кам шудани фавти модар ва кӯдак гардид.

**Таъминот бо кормандони тиббӣ.** Аз рӯи маълумоти оморӣ ва иттилооти тиббӣ дар соли 2015 ба аҳолии вилоят 532 нафар табибон ва 1886 нафар кормандони миёнаи тиб хизмат мерасонданд. Таъминот дар сатҳи вилоят бо табибон 25,6 ва бо кормандони миёнаи тиббӣ 90,8 ба 10 ҳазор аҳолӣ ташкил медиҳад. Талабот ба мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ дар вилоят 237 нафар мебошад.

Муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷии кормандони тиб барои расонидани хизматрасониии тиббӣ дар вилоят мушкилоти ҷиддиро пеш меоварад. Аз ҷумла норасоии назарраси кормандони соҳибихтисос дар деҳот мушоҳида карда мешавад. Ғайр аз ин, музди меҳнати паст ва ҳавасмандии заиф дар аксарияти ноҳияҳо ва алалхусус дар ноҳияҳои дурдаст, боиси норасоии кормандони соҳибихтисос гаштааст.

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рушди тибби оилавӣ” дар заминаи Маркази вилоятии таълимию клиникавии тибби оилавии вилоят бо дастгирии Хадамоти тандурустии Хазинаи Оғохон 63 табибон ва 216 кормандони миёнаи махсуси тиббӣ ба курсҳо ҷалб карда шуданд. Талабот ба мутахассисони оилавӣ дар вилоят ба 175 табибон ва 350 ҳамшираҳои тиббӣ баробар мебошад.

Дар соҳаи тандурустӣ як қатор **мушкилотҳо** мавҷуд аст:

- набудани таҷҳизоти муносиби тиббӣ ва инфрасохтор;
-норасогии воситаҳои молиявӣ барои таҷдид ва хариди таҷҳизот;
-истифодаи ғайрисамараноки кат – ҷойҳо;
-маълумотнокии нокифояи занони ҳомиладор ва наздиконашон;
-норасогии кормандони тиббӣ, махсуман дар сатҳи маҳал;
-ташкили нокифояи фаъолият оиди ташхисгузаронии дурусти саривақтӣ, муайян намудани тактикаи пешбурди ҳомиладорӣ дар таваллудхонаи маркази вилоят;
-норасогии муассисаҳои КАТС ва дигар хадамоти ёрӣ ва эҳёи иҷтимоӣ ва тиббӣ;
-истифодаи усулҳои ақибмондаи ташхис ва табобати бемориҳои паҳншуда;
-мавҷуд набудани системаи омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисон дар кишварҳои бо системаи пешрафтаи тандурустӣ;
-мавҷуд набудани системаи замонавии стандартҳо ва назорати сифати кӯмаки тиббӣ.

Барои беҳтар намудани вазъият дар бахши тандурустӣ **ҳадафҳои зерин** бояд ба даст оварда шаванд:

-баланд намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ;
-паст кардани сатҳи фавти модар ва тифлон;
-паст кардани шумораи бемориҳои сирояткунанда.

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ **масъалаҳои зерин** бояд ҳал карда шаванд:

-таҷдиди муассисаҳои тиббӣ, ки пеш аз ҳама ба истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда равона шудааст;

-ҷорӣ намудани усулҳои нави маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ;

-ҷорӣ намудани тартиби нави пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ ва ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ;

-азнавсозӣ ва таъмири муассисаҳои табобатӣ ва профилактикӣ, хариди воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти техникӣ;

-сохтмони муассисаҳои нави тиббӣ;

-такмили ихтисоси кормандони тиб (таҳсил дар донишкадаи такмили ихтисос, марказҳои тибби оилавӣ) – чорабиниҳо оид ба дастгирии техникӣ ва омӯзондани кормандон дар доираи буҷет.

Барои паст кардани сатҳи фавти модар ва кӯдак **вазифа ва чорабиниҳои зерин** ҳал карда шаванд:
-азнавсозӣ, таъмир ва хариди таҷҳизоти тиббӣ барои муассисаҳои тиббии кӯдакона;
-баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар робита ба масъалаҳои саломатии репродуктивӣ ва мушкилоти гурӯҳҳои хавф;
-ташкили гузаронидани эмкунии навзодон ва кӯдакон;
-баланд бардоштани самаранокии Марказҳои солимии репродуктивӣ ва фарогирии хизматрасониҳо.

**Вазифаҳо** оид ба коҳиш додани шумораи бемориҳои сироятӣ:
-ташкили фаъолият оид ба ташхиси дуруст ва саривақтӣ;
-ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис ва муолиҷаи бемориҳои паҳнгашта;
-ташкили ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва пешгирии бемориҳои сироятӣ.

Дар натиҷаи татбиқи вазифаҳо ва чорабиниҳо нишондиҳандаҳои зерин ба даст оварда мешаванд:

-то соли 2020 сатҳи фавти модар то 2 ҳодиса ба 10000 зиндатаваллуд коҳиш хоҳад ёфт;

-фоизи таваллуд дар шароити хона то 1,8 фоиз коҳиш меёбад;

-ҳиссаи тифлони бо вазни камтар аз 2500 грамм таваллудшуда то соли 2020 то 8 фоиз, фавти неонаталӣ то 10 ҳодиса ба 1000 зиндатаваллуд коҳиш хоҳад ёфт;

-то соли 2020 фавти кӯдакони синни то 5-сола ба 10 ҳодиса ба 1000 зиндатаваллуд коҳиш хоҳад ёфт;

-зуҳуроти таъхир дар инкишофи кӯдакони синни то 3 – сола аз 34 фоиз то 26 фоиз соли 2020 коҳиш хоҳад ёфт.

-сатҳи бемории дарунӣ то соли 2020 2,5 фоиз коҳиш дода мешавад.
-фарогирии бекирмгардонӣ то соли 2020 ба 95 фоиз расонида мешавад.

## 4.3 Фарҳанг, варзиш ва сиёсати ҷавонон

### 4.3.1. Фарҳанг.

Фарҳанг яке аз рукнҳои асосии рушди ҷомеа маҳсуб ёфта, пешрафти он метавонад ба як қатор соҳаҳои асосии хоҷагии халқи вилоят таъсири мусбӣ расонад.

Дар ҳудуди вилоят 342 адад муассиаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 185 адад китобхонаи оммавӣ, 134 адад муассисаҳои клубӣ, 10 адад осорхона, 1 адад боғи фарҳангию фароғатӣ, 4 адад театри халқӣ, 6 адад ансамблҳои тарона ва рақс,1 адад театри касбӣ ва ансамбли фолклорию – этнографии «Навои Бадахшон» фаъолият намуда истодааст, ки аз ин 51 адад ва ё 16 фоизаш ба таъмиру азнавсозӣ ва бо таҷҳизотҳои замонавӣ муҷаҳҳазонидан ниёз доранд.

Дар муассисаҳои фарҳангии мавҷуда ҳоло 1040 нафар кору фаъолият намуда истодааст, ки аз ин 326 нафар (31,3%) коргарони техникӣ, 315 нафар (30 %) дорои маълумоти олӣ, 379 нафар (36 %) дорои маълумоти махсуси касбӣ, 346 нафар (33%) дорои маълумоти миёна мебошанд.

Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин норасогии кадрҳои баландихсос мебошад, ки шумораи онҳо 50 нафарро ташкил медиҳад.

Бинобар сабаби норасогии кадрҳо дар аксар муассисаҳои таълимӣ шумораи омӯзгорони фанни суруд ва мусиқӣ коҳиш ёфта, кружокҳои худфаъолиятие, ки қаблан амал мекарданд, аз фаъолият боз монданд. Аз ин рӯ, беҳтар намудани фарогирии хонандагон ба таълимоти фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва дар ин замина эҳёи кружокҳои худфаъолиятӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа ба ҳисоб меравад.

**Мушкилоти асосие**, ки ба рушди соҳаи фарҳанг таъсири манфӣ мерасонанд:
- паст будани музди меҳнат;
-ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани шароити корӣ;
- норасоии воситаҳои молиявӣ;
- норасоии кадрҳо;
- ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани инфрасохтори соҳа;
- паст будани базаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ.

**Ҳадафи асосии соҳа** – тарбияи аҳолӣ дар рӯҳияи арзишҳои миллию ҷамъиятӣ ва дар заминаи ин бедор намудани худогоҳии аҳолӣ ва нигоҳ доштани мероси таърихию фарҳангии қадима тавассути фарогирии бештари аҳолӣ ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва таъмини фароғат.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда вазифаҳои зеринро иҷро намудан зарур аст:

- беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда;
- васеъ намудан ва тақвияти базаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон таъмин намудани онҳо;
- бештар намудани таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- истифодаи роҳҳои ҳавасмандгардонии моддию маънавии мутахассисони соҳа, махсусан ҷавонони болаёқат;
- таъмин намудани китобхонаҳо бо воситаҳои замонавии техникӣ;
- васеъ намудани шабакаи китобхонаҳо;
- такмили касбии мутахассисон дар маркази ҷумҳурӣ ва берун аз он;
- гузаронидани чорабиниҳо роҷеъ ба ҳифзу нигоҳдории мероси миллии таърихию фарҳангӣ ва ёдгориҳои ҳудуди вилоят;
- тарғиби мавзеъҳои таърихӣ ва фарҳангӣ.

Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо сохтмони китобхонаҳо театрҳо ва бунёди боғҳои фарҳангию фароғатӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳамзамон, таъмиру муҷаҳҳазгардонии 29 китобхона, 17 клуб, 2 театр ва барқарорсозии 2 боғҳои фарҳангию фароғатӣ пешбинӣ мегардад.

Бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори мавҷуда ва дар ин замина зиёд намудани фарогирии аҳолӣ ба фарҳанг ва истироҳат то соли 2020 шумораи китобхона то 199 адад, клубҳо 145 адад, театрҳо то 2 адад ва боғҳои фароғатию истироҳатӣ то 7 адад зиёд карда мешаванд.

**Варзиш.** Дар ҳудуди ВМКБ ҷамъи умумии иншоотҳои варзишӣ дар вилоят 454, аз ҷумла 78 толори варзишӣ, 10 варзишгоҳ барои зиёда аз понздаҳ ҳазор ҷойи нишаст, 3-то қасри варзишӣ иншоот барои машғулиятҳои варзишӣ сохта ва мутобиқгардонидашуда 58 адад ва 305 иншоотҳои оддӣ арзи вуҷуд доранд.

Соли 2015 толорҳои варзишии «Қасри варзиш» дар маҳаллаи Носири Хусрави шаҳри Хоруғ ва «Қасри варзиш»-и ноҳияи Шуғнон сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар вилоят 10 мактаби варзишӣ бо фарогирии 3015 нафар варзишгар, дар 286 гурӯҳ бо 217 мураббӣ фаъолият карда истодааст.

Дар солҳои 2014-2015 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 25 толор ва майдончаҳои варзишӣ таъмиру азнавсозӣ гардиданд, ки дастрасии ҷавононро ба иншоотҳои варзишӣ васеъ гардонид.

Новобаста аз рушди устувори соҳа ва дастовардҳои варзишгарон дар вилоят **мушкилиҳои** муайян мавҷуд аст:

- норасогии бино ва иншоотҳои варзишӣ;
- сатҳи пасти хизматрасонии тиббии варзишгарон;
- ҷалби сусти аҳолӣ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- ҳолати ғайриқаноатбахши инфрасохтори варзишӣ;
- норасоии лавозимот ва таҷҳизоти варзишӣ;
- норасогии кадрҳои баландихтисос.

**Ҳадафи асосии** бахши варзиш ин таҳкими саломатии аҳолӣ тавассути ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеа ба машғулияти мунтазами тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад.

Барои расидан ба ҳадафи мазкур вазифаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд:

•ташкил намудани тарғиботи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, зиёд намудани ҳавасмандии аҳолӣ ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

•ташкил ва таъмини сохтмон, таъмир ва азнавсозии иншоотҳои варзишӣ;

•иштирок дар таҳияи меъёр ва қоидаҳои истифодабарии иншоотҳои варзишӣ, базаҳо ва марказҳои омодакунии олимпӣ;

•бунёд ва ҷорӣ намудани низоми самарабахши тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таълимот, ки ба хусусиятҳои инкишофи кӯдакон ва наврасон нигаронида шудааст;

•таъмини сифати баланди хизматрасониҳои варзишӣ тавассути ҷорӣ кардани сертификатсияи хоҳишмандии ташкилотҳои варзишӣ ва марказҳо дар ҷои зист;

•таъмин намудани дастрасӣ ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои категорияҳои мухталифи аҳолӣ, аз ҷумла дар асоси таҳия ва истифодаи механизми ташрифи имтиёзнок ва ройгон ба иншоотҳои варзишӣ ба категорияҳои камбизоати аҳолӣ, кӯдакон, хонандагон;

•гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати тарғиботи тарзи ҳаёти солим;

•тарғиби варзиши оммавӣ ва касбӣ, аз ҷумла варзиши дастовардҳои баландтарин, иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҳавасманд кардани онҳо;

•ҷалби кадрҳои баландихтисос.

Дар натиҷаи иҷро намудани чорабиниҳои зикргардида пешбинӣ мешавад:

• афзоиши ҳиссаи аҳолии вилоят, ки мунтазам машғули тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошанд то 20 фоиз аз шумораи умумии аҳолии вилоят;

•то 200 нафар афзоиш додани шумораи тренерони соҳибихтисос ва муаллимони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки аз рӯи ихтисос кор мекунанд.

Дар сурати зиёд намудани миқдори мураббиёни касбии соҳаи варзиш, имконияти ташкил намудани муассисаҳои нави таълимии барвақтӣ пайдо мегардад.

### 4.4. Шуғли аҳолӣ, муҳоҷират ва идоракунии равандҳои демографӣ

**Шуғли аҳолӣ.** Тибқи маълумотҳои оморӣ шумораи миёнаи солонаи аҳолии вилоят дар соли 2015 180,1 ҳазор нафарро ташкил дода, аз онҳо 120,8 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 97,1 ҳазор нафарро ташкил дода, шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ ба 67 фоиз расида, сатҳи расмии бекорӣ бошад 2 фоизро ташкил намуд.

Шумораи бекорони дар қайди мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоят дар соли 2015- 3031 нафарро ташкил менамояд.

Аз 120,8 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат 81 фоиз ба кор машғул буда, 17 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 2 фоиз бекорон мебошанд. Бо сабаби ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аҳолии қобили меҳант, (аз ҷумла занон), сатҳи бекории ғайрирасмӣ дар дараҷаи 3 фоиз истодааст. Зиёд шудани шумораи бекорон ба иқтисодиёти вилоят таъсири манфӣ мерасонад.

Барои паст намудани сатҳи бекорӣ дар соли 2015 10739 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, танҳо 2147 нафар бо кори доимӣ таъмин карда шуд, ки ин 20 фоизи ҷойҳои кории таъсисдодашударо ташкил медиҳад. Яке аз мушкилоти асосии сатҳи пасти фарогирӣ ин музди меҳнати паст, ки ба талаботи ҳозира ҷавобгӯ нест ва надоштани малакаи ихтисосии бекорон мебошад.

ВМКБ дорои захираю имкониятҳои васеъ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби соҳаи саноат, асосан саноати кӯҳӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва соҳибкории хурду миёна мебошад.

**Муҳоҷират.** Бо сабаби қаноатбахш намудани музди меҳнати арзанда, инчунин мавсимӣ будани ҷойҳои корӣ дар ҳудуди вилоят теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ зиёд мегардад. Айни ҳол миқдори муайяни аҳолии вилоят берун аз кишвар кор карда истодааст. Ин далел шаҳодати таназзули қувваи кории ватанӣ гардида, аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ бо ихтисосашон кор накарда, балки дар ҷойҳои корӣ, ки тахассус талаб наменамояд, кор карда истодаанд.

Бо назардошти мушкилотҳои мавҷуда танҳо дар давоми соли 2015 34 ҳазор нафар шаҳрвандон барои дарёфти ҷои корӣ аз вилоят ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар рафтаанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити зиёд гардидани сатҳи бекорӣ дар вилоят иқтисодиёти вилоят ба коргарони баландихтисос ниёз дорад. Бинобар ин чорабиниҳои зеринро бояд анҷом дод:

- ташкили шароитҳои мувофиқ дар дохили вилоят барои шуғли захираҳои меҳнатӣ;
- баланд бардоштани иқтидори аҳолии қобили меҳнат, асосан дар сатҳи маҳал;
- ташкили шароит барои зудпаҳнкунии худмашғулии захираҳои меҳнатӣ;
- таҳия ва васеъ намудани самтҳои корҳои ҷамъиятӣ;
- танзими муҳоҷирати меҳнатии беруна бо назардошти муҳимтарин хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят.

**Идоракунии равандҳои демографӣ.** Раванди демографӣ ва идоракунии он дар вилоят аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ тафовут дошта, теъдоди таваллуд ва захираҳои меҳнатӣ нисбатан кам мебошад. Ба ҳолати 1 январи соли 2016 аҳолии вилоят 217,4 ҳазор нафар ё ки 2,6 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил додааст. Аз шумораи умумии аҳолӣ 51,2 фоиз мардон ва

48,8 фоиз занон ташкил медиҳад. Афзоиши солонаи аҳолӣ 1,4 фоиз ва зичии аҳолӣ 6,7 нафар дар 1 км. кв рост меояд.

Мутобиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар раванди демографӣ бо назардошти равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои рушди оянда аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бинобар ин, раванди идоракунии демографӣ на танҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, балки барои тараққиёти оилаҳои алоҳида мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосӣ дар ин самт фароҳам овардани шароит барои ҳалли мушкилоти демографӣ ва беҳтар намудани сифати ҳаёти аҳолӣ мебошад.

Самтҳои асосии афзалиятҳо:

-беҳтар намудани шароитҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии вилоят;
- дастрасии васеи аҳолӣ ба таъмини ҷойҳои корӣ;
- таъмини баробарҳуқуқӣ барои гирифтани маълумоти касбӣ;
- дастрасии васеи аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ;
- беҳтар намудани маълумоти фарҳангӣ ва дастрасии оилаҳо, махсусан дар деҳот;

## БОБИ 5. ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ҲАЁТ

### 5.1. Оби тозаи ошомиданӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ.

**Таҳлили ҳолати кунунӣ.** Хоҷагии манзилию коммуналии ВМКБ дар шароити хароҷоти зиёди неруи барқ ва сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва сатҳи пасти таъминоти манзилӣ ба як истиқоматкунанда фаъолият мебарад. Таҳлили сохтори он нишон медиҳад, ки зиёда аз нисфи фонди манзил ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Бо вуҷуди маблағгузории мавҷуда, иншоотҳои инфрасохтории коммуналӣ низ дар ҳолати фарсуда қарор доранд.

Қисми зиёди системаҳои обтаъминкунӣ солҳои 1960-1980 сохта шуда, дар давоми 10-20 соли охир дар шабакаҳои мазкур хизматрасонии техникӣ гузаронида нашудааст. Тамоми инфрасохтор зиёда аз 70 фоиз фарсуда шуда, ба азнавсозӣ ниёз дорад. Обтаъминкунии нуқтаҳои аҳолинишин тавассути қубурҳои об бо дарозии умумии 589,4 км таъмин карда мешавад. Танҳо 60 фоизи аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд. Дарозии умумии шабакаҳои обу ташноб (канализатсия) 15 км-ро ташкил медиҳад.

Нақшаи баровардани партовҳои сахти маишӣ дар соли 2014 барзиёд иҷро шуд, ки дар натиҷа 33 ҳазор. метри мукааб партов бароварда шуд. Бо дарназардошти дараҷаи пасти қобилияти пардохтпазирии истифодабарандагон, корхона аз пешниҳоди хизматрасонӣ даромади кофӣ нагирифта, маблағҳои сармоягузорон ба воситаҳои истеҳсолӣ бошад на танҳо барои рушди инфрасохтор, балки барои нигоҳдории шабакаҳои мавҷуда нокифоя мебошад.

Ҳамаи ин боиси он гашт, ки корхонаҳои мазкур ба як қатор мушкилот ру ба ру шудаанд:

-дараҷаи пасти самаранокии захиравии инфрасохтори коммуналӣ;
-суст будани базаи моддию техникӣ ва хурдашавии баланди таҷҳизотҳои муассисаҳои коммуналӣ;
-дараҷаи баланди фарсудашавии моддию маънавии инфрасохтори коммуналӣ ва фонди манзил;

-сари вақт напардохтани ҳаққи хизматрасонӣ аз тарафи истеъмолкунандагон;
-сатҳи баланди талафоти об дар ҷараёни истеҳсолот ва расондан то истеъмолкунандагон.

**Хадафи асосӣ**: беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ, баланд бардоштани дараҷаи бароҳатии истиқомат ва пешниҳоди хизматрасонии коммуналии дорои сифати меъёрӣ (бахусус хизматрасонии обу ташноб ва баровардани партов).

Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда, **масъалаҳои** зерин бояд ҳалли худро ёбанд:
-сохтмон ва таъмири системаҳои обтаъминкунӣ ва обу ташноб;
-беҳтар намудани холати экологӣ дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби баровардани партов;
-дар сатҳи ҷамоатҳо ташкил намудани муассисаҳои манзилию коммуналӣ;
-ба роҳ мондани ҳамкориҳои минтақавӣ бо мақсади мубодилаи таҷрибаи пешқадами татбиқи лоиҳаҳои соҳаи мазкур дар дигар ҷамоатҳои вилоят;
-ҷалби шарикони рушд дар ҳалли мушкилиҳои ХМК.

Феълан, дар ВМКБ Барномаи миллии таъминоти ахолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020, ки аз ҳисоби буҷети марказӣ ва маҳаллӣ ва ташкилотҳои донорӣ маблағгузорӣ мегардад, татбиқ шуда истодааст. Дар доираи барномаи мазкур дар сар то сари вилоят чорабиниҳои зерин амалӣ шуда истодаанд:
-азнавсозии шабакаҳои мавҷудаи обтаъминкунӣ, сохтмони системаҳои хурд, миёна ва маҳаллӣ, чоҳҳои обгирии истифодаи шахсӣ ва гуруҳӣ дар асоси лоиҳаҳо;
-ҷорӣ намудани технологияҳои нав, роҳҳои азнавсозӣ, усулҳои замонавии безараркунии оби нушокӣ, автоматикунонии системаи идоракунӣ, назорати сифат ва баҳисобгирии об, безараргардонӣ дар асоси нурҳои ултрабунафш, сохтмони ташхисгоҳ барои муайян кардани сифати об;
-ҷорӣ намудани технологияҳои нав бо мақсади мулоим ва тоза кардани об, бо безараргардонии минбаъдаи манбаъҳои оби дорои дуруштӣ ва тирагии баланд тавассути усулҳои мавҷудаи физикӣ;
-барқарорсозӣ, азнавсозӣ ва вусъатдиҳии системаҳои мавҷуда, сохтмони системаҳои нави марказонидашудаи обтаъминкунӣ дар асоси лоиҳаҳои таҳияшудаи асосноккунии фанниву иқтисодӣ (АФИ) бо истифода аз усулҳои замонавии обтаъминкунӣ, таҷҳизот, мавод, дастгоҳҳои баҳисобгирӣ ва назорат, безараргардонӣ ва худидоракунии маблағ;
-омӯзонидани кормандони техникӣ ва идоракунии бахш;
-баланд бардоштани фарҳанги истифодаи об тавассути чорабиниҳои санитарӣ ва беҳдошт;
ҷалби ҷомеа ва сармоягузории хусусӣ ба системаи обтаъминкунӣ.

Амалӣ намудани лоиҳаҳои мазкур ба афзоиши дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокӣ ва сифати баланди хизматрасонӣ мерасонад. Ҳолати санитарию эпидемиологӣ дар вилоят ба таври назаррас беҳтар мегардад.

## 5.2. Ҳифзи муҳити зист ва санитарӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, беҳдошти ҳолати замин, бешазорҳо, захираҳои об, ҳавои атмосферӣ, гуногунии биологӣ, бахусус намудҳои наботот ва ҳайвоноти нодир ва солимгардонии вазъи саломатии аҳолӣ диққати ҷиддӣ дода истодааст. Бо дастгирии молиявии вазорату идораҳо, дигар истифодабарандагони табиат ва созмонҳои гуногуни байналхалқӣ барои пеш бурдани сиёсати экологӣ ва беҳбудии вазъи экологӣ барномаҳои давлатӣ таҳия ва татбиқ гардида истодааст, аз ҷумла «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи давлатӣ оид ба омузиш ва нигаҳдории пиряххои Тоҷикистон барои солҳои 2030», «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» мебошанд.

Ҳамасола барои амалисозии корҳо вобаста ба беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист аз буҷет то 2 млн. сомонӣ, аз ҷумла барои корҳои илмию тадқиқотӣ, тарғибу ташвиқ ва барқароркунии захираҳои табиӣ маблағҳо ҷудо карда мешавад.

**Санитарӣ**. Дар ҳудуди вилоят 8 партовгоҳи расмии корхонаҳои коммуналии шаҳриву маркази ноҳияҳо вуҷуд доранд. Нақшаи баровардани партовҳои сахту маишӣ дар як сол дар ҳудуди вилоят то 135 ҳазор м3 мебошад. Манбаъҳои пайдоиши партовҳо гуногун буда, ба равиши истеҳсоли саноатӣ ва фаъолияти аҳолӣ зич алоқаманд мебошад. Дар ҳудуди вилоят ҷойҳои махсус барои гуронидан ва безараргардонии партовҳои сахт ва саноатӣ мавҷуд нест.

Мувофиқи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шуъбаҳо ва бахшҳои шаҳриву ноҳиявии ҳифзи муҳити зист то соли 2015 ба анборҳои махсусгардонидашудаи КДФ, Хоҷагии манзилию коммуналии шаҳру ноҳияҳо барои нигоҳдории муваққатӣ ҳамагӣ 4000 дона лампаҳои каммасрафи симобдор аз истифодабаромада супорида шудаанд. Масъалаи ҷамъоварии минбаъдаи лампаҳои симобдори корношоямшуда танҳо дар ҳолати ҳалли фаврии бунёди корхонаҳои коркарди онҳо ва ҳавасмандкунии аҳолӣ ба танзим даровардa мешавад.

**Ҳадафи асосӣ** дар ин самт ба тартиб даровардани барориши партовҳо ва беҳдошти муҳити зисти вилоят.

Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда иҷрои чунин **вазифаҳо** зарур мебошанд:

- сохтимони корхонаҳои коркарди партовҳо ва муҷаҳҳаз намудани онҳо бо таҷҳизот;
- ташкил кардани хадамоти коммуналӣ дар деҳот;
-ҷорӣ кардани технологияи коркард ва истифодаи такрории партовҳои саноатӣ, сохтмонӣ ва безараргардондани партовҳои маишӣ;
- сохтмон ва ба истифода додани сех ва хатҳои истеҳсолӣ оид ба коркарди такрории пластмасию шишагӣ;
- сохтмони сехҳои хурд оид ба коркарди лампаҳои симобдори аз истифода баромада;

- таъмини назорати давлатӣ оид ба ҷамъоварӣ ва безараргардонӣ, нигоҳдорӣ, кашонидан ва коркарди лампаҳои симобдор;
- баланд бардоштани фарҳанги аҳолӣ оид ба ҳифзи муҳити зист.

**Ҳолати захираи об.** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кишвари пиряхҳои азим, дарёҳои пуртуғён ва кӯлҳои баландкӯҳ буда, бештар аз ҳазор пиряхҳои калону хурд дорад, ки масоҳати умумии онҳо зиёда аз 8041 $км^2$ ташкил дода, калонтарини он пиряхи Федченко (дарозиаш 77 км, масоҳаташ 907 $км^2$) ва кӯли Сарез, ки аз сатҳи баҳр дар баландии 3250 м ҷойгир буда, дарозиаш 75 км, паҳноиаш то 5км, чуқуриаш 505 м, масоҳати майдонаш 19,6 $км^2$ ва ҳаҷми об 17 млрд метри мукааб ҷойгир ҳастанд.

Дар ҳудуди вилоят ба ғайр аз шаҳри Хоруғ дар дигар ҷойҳо иншооти обтозакунии канализатсионӣ мавҷуд нест. Ин иншоот бошад, дар соли 1970 сохта шуда, тавоноии обтозакунии он дар як шабонарӯз 600 $м^3$ об мебошад. Мутаассифона ҳозирин вақт то 3000 $м^3$ оби ифлос ба иншоот дар як шабонарӯз ворид мегардад. Дар дигар ноҳияҳо сохтмонҳои баландошёна идома дошта, то ҳоло ягон иншоотҳои обтозакунии канализатсионӣ сохта нашудааст.

**Ҳадафи асосӣ -** беҳтар намудани вазъи экологии обҳои вилоят мебошад.

**Вазифаҳо**:
- кам кардани ифлосшавии захираҳои об;
- истифодаи оқилонаи захираҳои об;
- бақайдгирии манбаъҳои захираҳои об;
- ташкили назорати ҳолати пиряххо, кӯлҳо ва дигар манбаъҳои он;
- истифодаи оқилона ва муҳофизати сарчашмаи обҳои маъданӣ, термалӣ ва сохтмони иншоотҳои обтозакунӣ дар ин ҳудудҳо;
- муайян намудани роҳҳои бартарафсозии ифлосшавии захираҳои об;
- сохтмони иншоотҳои обтозакунӣ дар ноҳияҳои вилоят ва шаҳри Хоруғ;
- мунтазам ба роҳ мондани тозакунии заҳбуру заҳкашҳо.

**Ҳавои атмосфера**. Манбаъҳои ифлосшавии ҳавои атмосфераи ВМКБ партовҳои моддаҳои заҳрнок аз нақлиёти автомобилӣ, истифодаи сӯзишворӣ аз тарафи аҳолӣ мебошад. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон ба ҳисоби миёна аз нақлиёт то 9400 тонна партовҳо ба ҳаво партофта мешаванд.

**Ҳадаф -** беҳтар намудани вазъи экологии ҳавои атмосфера.

**Вазифаҳо:**
- ташкил намудани нуқтаҳои ташхис ва диагностикаи нақлиёти автомобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят;
- дар шаҳри Хоруғ ташкил намудани нуқтаҳои дидбонгоҳи метеорологӣ барои муайян намудани сатҳи ифлосшавии ҳавои атмосфера.

**Олами набототу ҳайвонот, гуногунии биологӣ.** Масъалаҳои ҳифзи олами наботот ва ҳайвонот дар шароити муосир басо аз рӯзмарра буда, на танҳо олимон, балки тамоми мардуми тараққипарварро ба ташвиш овардааст. Тарзи бемувозинаи экологӣ табиатистифодабарандагон дар шабакаҳои экологии табиӣ бо кам шудани миқдори намуд ва гуногунии биологӣ ва коҳиши муқобилияти намуд шудааст. Азхудкунии заминҳо, ҳудуди ҷангал ва пушта, сохтмони роҳҳо, хати интиқоли барқ, шабакаҳои

маишӣ ва обёрӣ, рушди саноат, аз ҷумла истихроҷи маъдан ҳамчун омили назарраси таъсирбахш ба гуногунии биологӣ, ки боиси коҳиши таркиб ва намудани растаниҳои табиӣ ва олами ҳайвонот мебошад.

Бахусус ба олами набототи худрӯй аз тарафи шахсони алоҳида беназорат ҷамъоварии растаниҳои худрӯи нодири шифобахш ба мақсади тиҷоративу озуқа зарари ҷиддӣ мерасонанд. Ҳамин ҳолат дар мисоли ҳайвонотҳои нодир низ зарар оварда мерасонад. Сабаби дигар ин зиёд чаронидани чорво мебошанд. Мутаассифона, дар натиҷаи чаронидани бетартиб ва аз ҳад зиёди чорво метавонад боиси биёбоншавии заминҳои чарогоҳи вилоят гардад.

Дар ҳудуди вилоят мониторинг оид ба олами наботот, аз ҷумла гиёҳҳои шифобахш ва дигар намуди ҳайвонотҳои ваҳшӣ гузаронида намешавад. Саршумори ҳайвонотҳои ваҳшӣ фақат соли 1992 муайян шудааст халос.

**Ҳадаф** – ҳифз ва ҳимояи наботот ва ҳайвонот ва гуногунии биологӣ.

**Вазифаҳо:**

- васеъ кардани майдони ҷангалзорҳо;
- ташкили мониторинг оиди муайян намудани захираҳои гиёҳҳои шифобахш;
- ташкил намудани ниҳолхонаҳои ниҳолҳои зудинкишофёбанда ва босифат;
- ташкили кишт ва парвариши гиёҳҳои шифобахш;
- бақайдгирӣ ва гузаронидани мониторинги олами ҳайвонот дар қаламрави вилоят ва хусусан дар ҳудуди минтиқаҳои шикорӣ;
- ташкили иншоотҳои ҳифзшаванда оид ба ҳифз ва барқарорсозии намудҳои ҳайвоноти нодири аз байн рафтаистода ва намудҳои сайдшавандаи ҳайвонотҳои ваҳшӣ;
-таъмини обанборҳо ва кӯлҳо бо намудҳои моҳии зудафзоишёбанда ва аз ҷиҳати экологӣ фоидаовар;
- гузаронидани чорабиниҳои биотехникӣ оид ба беҳтаршавии вазъи экологии ҳайвонот;
- бунёди боғҳо дар доманакӯҳҳо ҳар сол то 40 га;
- ба танзим даровардани чаронидани чорво дар чарогоҳҳои зимистона ва қисман тобистона бо мақсади пешгирии вайроншавии замин;
- таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба пешгирии вайроншавии замин дар заминҳои обӣ ва лалмӣ.

### 5.3. Чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодда

Ҳудуди ВМКБ дучори таъсири шумораи зиёди равандҳои хатарнокии табиӣ мегарданд. Дар байни онҳо заминларза, ярч, сел, обхезӣ ва тармафаройӣ, хавфи канда шудани кӯлҳои воқеъ дар баландкӯҳҳо ва обшавии пиряххо, ки ба рушди устувори зиндагии мардум ва инфрасохтор таҳдид мекунад. Мавзеъҳое, ки бештар фарогири ҳодисаҳои фавқулодаанд – ин ҳавзаи дарёи Панҷ, Ғунд, Бартанг, Ванҷоб ва Оқсу мебошад.

Дар вилоят нуқтаҳои зиёди аҳолинишин, қариб 70 фоиз дар минтиқаҳои хатарнок зиндагӣ мекунанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳамасола ба иқтисодиёт аз офатҳои табиӣ (боришоти сахти барфу борон, фуромадани тарма, сел ва заминҷунбӣ) зарари калони иқтисодӣ ва моддӣ расонида шуда, мутаассифона ҳалокати одамон низ ба қайд гирифта мешаванд.

Танҳо дар соли 2015 аз ҳисоби ҳолатҳои фавқулодда беш аз 254 иншоот пурра, 613 иншоот қисман зарар дида, шумораи ҳалокшудагон 2 нафарро ташкил медиҳад, ки ҳаҷми умумии хисороти расонидашудаи ҳолатҳои фавқулодда ба беш аз 127,3 млн. сомонӣ баробар аст.

Тибқи «Нақшаи миёнаммӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2016» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №474 аз 2.11.2013 тасдиқ гардидааст) дар соли 2015, 19 хоҷагӣ ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд.

Аз соли 1997 то инҷониб ташкилоти башардӯстонаи «Фокус» барномаи «Омодагӣ ва кам кардани таъсири ҳолатҳои фавқулодда тавассути мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар ВМКБ» ва лоиҳаҳои тайёр намудани ҷомеаи устувор нисбати офатҳои табиӣ ( Лоҳияи фароҳам овардани имкониятҳо дар муҳити бехатар; ҳамоҳанг сохтани идоракунии хатарҳо бо нақшаи рушди шаҳр ва деҳот ( COSE), муайян намудани хатарҳои дурдасти геологӣ (ARECH) , тағйирёбии иқлим (CCMP) ва баҳогузории хавфу хатар ва осебпазирӣ (EJVERI)-ро амалӣ намуд.

Дар доираи барномаи мазкур 42 нуқтаи аҳолинишини нисбатан осебпазир интихоб гардида, тадқиқотҳо гузаронида шуда, ҳисобот ва харитаҳои равандҳои хатарноки экзогении вилоят ва нуқтаҳои аҳолинишини хатарнок дар вилоят омода шуданд.

**Мушкилотҳои асосии вилоят**:

-норасогии маблағгузории чорабиниҳое, ки ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва эътино ба офатҳои табиӣ, гузаронидани чорабиниҳои муҳофизати аҳолӣ дар минтақаҳои бештар осебпазир;

-норасогии захираҳои моддӣ дар сурати сар задании ҳолати фавқулодда;

-дохил накардани чораҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳо дар барномаҳои рушди ноҳияҳо;

- мавҷуд набудани низоми эътино ва огоҳонии барвақтӣ.

**Ҳадафҳои асосӣ:**

-таъмин намудани амнияти фарогирии аҳолӣ ва ҳудуди вилоят аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ;

-паст кардани хавфи ҳолатҳои фавқулодда ва пешгирии онҳо.

**Вазифаҳои асосӣ:**

- тадқиқ ва омӯзиши доимии пиряххо ва кӯлҳо;
- санҷиш ва назорати сатҳи оби дарёҳо ва наҳрҳо;
- омӯзиши фаромадани сел ва тармаҳо;
- баланд бардоштани савияи дониши аҳолӣ дар соҳаи экология;
- таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мушкилӣ ва душвориҳои мавҷуда;
- ташкил намудани низоми мониторинг ва огоҳсозии қаблии аҳолӣ;
- таҳияи старатегияи идоракунии хавфҳо ва паст кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ;

-татбиқи барномаҳои пешгирӣ ва корҳои садамавию барқарорсозӣ барои кам кардани хавфи офатҳои табиӣ ва техногенӣ;
-давом додани корҳои системаҳои мониторинги фарогирӣ ва пешгирии хатарҳои табиӣ;
-тақвият ва такмилдиҳии базаи моддию техникии хадамоти давлатии кӯмаки фаврӣ (сӯхторхомӯшкунӣ, садамавию начотдиҳӣ );
-гузаронидани арзёбии хавфҳои офатҳо ва тартиб додани харитаҳои равандҳои экзогении вилоят ва таъсири онҳо ба инфрасохтор;
- ташкил намудани гурӯҳи эътино оид ба ҳолатҳои фавқулодда дар шаҳрҳо ва ҷамоатҳои деҳоти ноҳияҳо;
- амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати иттилоотонии аҳолӣ оид ба омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии тавассути ВАО;
- ташкил намудани захираҳои моддии давлатӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ва дар сатҳи вилоят;
- ҷалби аҳолӣ ба чорабиниҳо оид ба паст кардани хавфи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ.

## Боби 7. САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 110 лоиҳаро бо маблаҒи умумии 4080,842 миллион сомонӣ дар бар мегирад, ки аз ин 50 лоиҳа ба маблаҒи 343,458 миллион сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 34 лоиҳа бо маблаҒи 114,373 миллион сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 16 лоиҳа бо маблаҒи 3407,960 миллион сомонӣ ба инфрасохтор ва 10 лоиҳа бо маблаҒи 213,501 млн. сомонӣ бахши таъмини бехатарии ҳаёт пешбинӣ гардидаанд.

Тақсимоти маблаҒҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2016-2020" аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаҒгузорӣ

(ҳазор сомонӣ)

| *Соҳаҳо* | *Ҳамагӣ* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Кишоварзӣ* | 32469 | 3279 | 8325 | 7438 | 7169 | 6258 |
| *Саноат* | 80263 | 3800 | 26900 | 18170 | 19093 | 11100 |
| *Соҳибкории хурду миёна* | 17966 | 3631 | 4273 | 4691 | 2705 | 2666 |
| *Сохтмон* | 212760 | 34678 | 55328 | 51948 | 44408 | 26398 |
| ***Ҳамагӣ, бахши таъмини рушди устувори иқтисодиёт*** | **343458** | **45388** | **94826** | **82247** | **73375** | **46422** |
| *Маориф ва илм* | 55383 | 4481 | 10183 | 15085 | 15263 | 10371 |
| *Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | 41188 | 8212 | 10855 | 9784 | 7032 | 5305 |
| *Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ* | 17802 | 1188 | 3918 | 3958 | 4758 | 3980 |
| ***Ҳамагӣ, бахши рушди иҷтимоиёт*** | **114373** | **13881** | **24956** | **28827** | **27053** | **19656** |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ* | 118060 | 15076 | 25046 | 25776 | 25876 | 26286 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Барқтаъминкунӣ* | 576300 | | 89236 | 159723 | 100049 | 227292 |
| *Нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо ва алоқа* | 2713600 | 70200 | 527350 | 687350 | 701350 | 727350 |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | **3407960** | **85276** | **641632** | **872849** | **827275** | **980928** |
| Ҳифзи муҳити зист | 2750 | 200 | 640 | 915 | 515 | 480 |
| *Таъмини бехатарии аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои табиӣ ва садамаҳо* | 213501 | 45075 | 48326 | 41757 | 41418 | 36925 |
| ***Ҳамагӣ, бахши таъмини бехатарии ҳаёт*** | **216251** | **45275** | **48966** | **42672** | **41933** | **37405** |
| ***Ҳамагӣ, арзиши умумии Барнома*** | **4080842** | **189820** | **810380** | **1026595** | **969636** | **1084411** |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | 161856 | 27866 | 41918 | 42138 | 33363 | 16571 |
| *Буҷети маҳаллӣ* | 9100 | 1300 | 550 | 960 | 3050 | 3240 |
| *Маблағҳои худӣ* | 38739 | 5774 | 8126 | 11932 | 6951 | 5956 |
| *Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | 3871147 | 154880 | 759786 | 971565 | 926272 | 1058644 |

## Боби 8. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи Барнома Низоми мониторинг ва арзёбӣ (НМА) мебошад. НМА барои мушоҳидаи раванди корҳо, таҳлили натиҷаҳои ба дастомада дар чорчуби Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбат ва мавҷудияти мушкилот истифода мешавад. НМА барои таъмини робита байни сиёсати қабулгардида ва натиҷаҳои амалии татбиқи Барнома имконият медиҳад.

**Мониторинги Барнома ин низоми арзёбии доимӣ ва назорати иҷрои он мебошад.**

Равандҳои асосии НМА мониторинги мустақил ва шаффофият, ҳисобияи самтияти он мебошад, ки ба натиҷаҳо, афзалиятҳои Барнома нигаронида шудаанд. Инчунин истифодаи усулҳо ва равишҳои муосири НМА, ҷалб намудани мақомоти қонунгузор ва иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва қишри фаъоли аҳолӣ дар назар дошта мешавад.

НМА ба сифати танзимгари амали такроршаванда дар арзёбии иҷрои вазифаҳо, тадбирҳои Барнома ва ҳадафҳои ба нақшагирифтаи он маҳсуб мешавад. Ҳадафи мониторинг муайян намудан ё санҷидани самаранокӣ ва натиҷаҳои (аз ҷумла зинавӣ) татбиқи Барнома бидуни возеъ сохтани сабабҳо ба ҳисоб меравад. Мониторинг ба сифати амалҳои дохилии вилоятӣ дар асоси нишонаҳо ва натиҷаҳо, инчунин ба мақсади ҷамъоварии иттилоот ва ҳисобот ҷараён мегирад.

Ҳадаф ва вазифаҳои Барнома, нишондодҳои миқдории он асоси НМА мебошад. Барои санҷидани дастовардҳои пешрафти вилоят дар роҳи амалигардонии ҳадафи Барнома системаи нишонаҳо ва нишондодҳо истифода бурда мешаванд, ки ба воситаи онҳо самаранокӣ ва натиҷагирии тадбирҳои Барнома мавриди таҳлил қарор мегирад.

Зернизоми калидии НМА –ро ҷамъоварии далелҳо оид ба андозаи нишонаҳо ва нишондодҳои мониторинг ва дигар иттилооти сифатӣ, миқдорӣ ва муваққатӣ ташкил медиҳанд, ки рушди иқтисодию иҷтимоии вилоятро нишон медиҳанд.

Ташаккули низоми нишонаҳо (индикаторҳо), ки ҳадафҳои дастурии Барнома ва натиҷаҳои кори тамоми ниҳодҳои ҷалбгардидаро инъикос мекунад. Нишонаҳои НМА барои ҳадафҳои Барнома соҳаҳои ҷудогона ва тамоми Барномаро дар бар мегиранд. Татбиқи амалҳо ва тадбирҳои мушахассро матрисаи тадбирҳо (чорабиниҳо) инъикос мекунад.

Ҷараёни интихоби нишонаҳо (индикаторҳо) вобаста ба ҳадафҳо ва тадбирҳо чорабиниҳои қабулшуда сурат мегирад. Аммо дар ин маврид имкони ба даст овардани далелҳои зарурӣ, яъне раванди интихоби нишонаҳо (индекаторҳо) ба имкониятҳои ҷамъоварии далелҳо мутобиқ гардонда мешавад.

Нишонаҳо (индекаторҳо) ва нишондодҳои НМА тамоми самтҳои сиёсати Барнома, навъҳои захираҳо, ки барои татбиқи Барнома истифода мешаванд ва тамоми натиҷаҳои татбиқи Барномаро дар бар мегирад.

Интихоби нишонаҳо (индекаторҳо) тибқи тартиби зайл ҷараён мегирад:

1. Муайян намудани номгӯи индекаторҳо, дараҷаи мутобиқати нишонаҳо (ба шаҳр, деҳот, ноҳияҳо, ҷинс, синну сол, гурӯҳҳои иҷтимоӣ) ва даврабандии пешниҳоди ҳисоботҳо.
2. Муайян намудани манбаъҳои иттилоотӣ, ки барои ҳисоби ҳар як нишона (индекатор) ба кор бурда мешаванд.
3. Тартиб додани нақшаи тақвимӣ, ҷамъоварии далелҳо, ки андозагирии тамоми нишонаҳоро (индекаторҳоро) бо дарназардошти давраҳо таъмин менамоянд.

Ташаккули низоми ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки барои назорати таъҷилӣ ва қабули қарорҳо оид ба идоракунӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Низоми ҷамъоварии иттилоот ба мақсади ба даст овардани далелҳои кофӣ барои тасмимгирӣ дар бахши идорӣ сурат мегирад. Дар ҷамъоварии далелҳо мавқеи марказӣ ба Сарраёсати омори вилоят дахл дошта, барои сари вақт ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди далелҳо аз рӯи нишонаҳо (индекаторҳо) таъмин менамояд.

Маҷмӯи иттилоот рафти иҷрои нақшаҳои тақвимӣ (муваққатӣ) ва санҷиши харчи захираҳоро ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳо ва чорабиниҳо таъмин менамоянд. Манбаи муҳими далелҳо барои НМ ва А (махсусан дар бахши захоир ва фоида) раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори МИМҲД-и ВМКБ мебошанд, ки дар бораи фаъолияти худ ва соҳаҳои салоҳиятҳои худ дар ҷараёни татбиқи Барнома иттилоот ва далелҳо пешниҳод менамоянд.

Ҳангоми ташкили ҷамъоварии иттилоот ҷиҳати таҳлили ҷараёни татбиқи Барнома ва омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизми татбиқи Барнома МИМҲД-и вилоят натиҷаҳои мониторингро бо вазорату идораҳои дахлидор, ноҳияҳо, ҷамоатҳои маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди М ва А –и Барнома ба таври васеъ ва густурда сурат мегирад.

Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ ба ҳайси коршиносон ва намояндагони ақшори аҳолӣ шомил мешаванд. Дар раванди мониторинг нақши асосӣ ба ҷамоатҳои маҳаллӣ дода шуда, онҳо муайян мекунанд, ки ҷараёни татбиқи Барномаро сокинони вилоят чӣ тавр ҳис мекунанд ва кадоме аз мушкилоти сатҳи маҳаллӣ таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунад.

Муоинаи натиҷаи корҳои иҷрокунандагони Барнома ва таъсири онҳо ба тағйирёбии вазъи соҳаҳои гуногуни вилоят. Барои таҳияи ҳисоботи ҷамъбасти мониторинг инчунин ҳисоботҳо ҳамчун низ таҳия мешаванд, ки тамоми далелҳои мониторингро дар бар гирифта барои идораҳо ва ҳисоботдиҳанда ягона шуморида мешавад ва ба махсусиятҳои онҳо мутобиқат мекунанд. Низоми ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои татбиқи Барнома имконият медиҳад, ки аз такрори иттилоот пешниҳодшуда сарфи назар карда шавад.

**Омода намудани пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба Барнома ва ё пурра тағйир додани он.**

**Қисмҳои тартибии НМ ва А аз инҳо иборат аст:**

- низоми таҳлили иттилоот, ки дар ҷараёни мониторинг барои арзёбии самараноки тадбирҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят дар чаҳорчуби татбиқи Барнома ҷамъоварӣ шудаанд;
- низоми паҳннамоии иттилоот оид ба натиҷаҳои мониторинги Барнома ва ҷамъоварии вокунишҳо ва иттилооти мавҷуда аз тарафи иштирокчиёни ҷараёни татбиқи Барнома ва маблағгузорони он;
- барои мониторинг ва арзёбии чорабиниҳо ва лоиҳаҳои Барнома гурӯҳи кории мониторинг (ГМ) таъсис меёбад, ки ба ин гурӯҳ муовини раиси вилоят роҳбарӣ мекунад;

Ба ҳайати гурӯҳ кормандони дастгоҳ ва сохторҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дохил мешаванд. ГМ дар ҷараёни мониторинг вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- оид ба натиҷаҳо, ҳаҷм, мӯҳлат ва манбаъҳои маблағгузории чорабиниҳо, ки ба нақшаи солона дохил шудаанд, иттилоот ҷамъоварӣ менамояд;
- нишондодҳои мақсадноки Барномаро таҳлил мекунад;
- мушкилот ва монеаҳои бавуҷудомадаро дар иҷрои нақшаи солона таҳлил мекунад;
- барои татбиқи минбаъдаи Барнома тавсияҳо ва натиҷагириҳо манзур менамояд;
- ҳисоботҳои солона, семоҳа ва нимсоларо тартиб медиҳад.

Гурӯҳи мониторинг (ГМ) ба ғайр гузаронидани мониторинги Барнома инчунин вазифаҳои дигарро низ иҷро мекунад, аз ҷумла:

- соҳаҳои афзалиятноки Барномаро муайян мекунад, ки аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағузорӣ мешавад, андоза ва манбаъҳои маблағгузории онро муайян мекунад.
- оид ба самтҳо ва ҳаҷми маблағҳои донорҳо дар вилоят иттилоот ба даст оварда, дар бораи мӯҳлати маблағҳо иттилоот медиҳад;

- барномаро таҳлил мекунад, ба он тағйирот ворид мекунад ва пайдарҳамии мантиқии онро таъмин мекунад;
- нақшаи солонаи кории гурӯҳро тартиб медиҳад;
- семинари солонаи ҳисоботиро оид ба татбиқи Барнома мегузаронад.

Ба мақсади автоматикунонии корҳо оиди ба ҳисобгирии НМ ва А коркарди низоми мониторинг бо назардошти гуногунӣ ва дараҷаи омӯзиши лоиҳаҳои Барнома сурат мегирад. Лоиҳаҳо метавонанд мавқеъҳои гуногун дошта бошанд. Масалан, лоиҳаҳое, ки тамоман коркард нашудаанд ва ё дар мавриди коркард қарор доранд, вале дар Барнома оварда нашудаанд.

Дар раванди татбиқи лоиҳаҳои пурра коркардашуда низ метавонад дар робита ба маблағгузориашон ва ё бо сабабҳои дигар мушкилиҳо пайдо шаванд. Ба ғайр аз, ин дар ҷараёни татбиқи Барнома лоиҳаҳои вуҷуддошта метавонанд, ки дар айни коркардшавӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое вуҷуд доранд, ки ба охир расидаанд. Баррасии рафти татбиқи Барнома ва лоиҳаҳо бо шарикҳои рушд дар доираи мулоқотҳои машваратӣ мунтазам бо шарикҳо ва ҷамоатҳо гузаронида мешавад.

Натиҷаи мониторинг як маротиба дар як сол дар сурати пайдо шудани зарурият зиёдтар мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар рафти татбиқи Барнома тамоми ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳои тадқиқотӣ-илмӣ метавонанд иштирок кунанд ва арзёбии мустақили самаранокии рафти татбиқи Барнома мониторниг ва назорати истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳоро муайян намоянд.